**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ЛОИҲАИ МУСТАҲКАМГАРДОНИИ ИНФРАСОХТОРИ МУҲИМТАРИН БАРОИ ОМОДАГИИ УСТУВОРӢ БАР ОФАТҲОИ ТАБИӢ**

P158298

# Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират

Апрел, соли 2017

**Мундарича**

Акронимҳо ва ихтисорот……………………………………………………………………………..3
Мафҳумҳо………………………………………………………………………….……………4
Низомҳои асосӣ…....……………………………………………………………………..7
А. ПЕШГУФТОР .................................................................................................................... 11
А.1 Сарсухан ........................................................................................................................ 11
А.2 Матнҳои соҳавӣ ............................................................................................................ 11
А.3 Маълумоти мухтасар оид ба лоиҳа\оид ба ЛМИМУОТ .......................................... 11
А.4 Мақсади Лоиҳа ............................................................................................................. 12
А.5 Қисматҳои лоиҳа ва чорабиниҳо ................................................................................. 12
1. Қисмати 1: мустаҳкам кардани иқтидорҳо дар самти идоракунии хатарҳои офатҳои табиӣ (ИХОТ) дар Тоҷикистон .............................................................................................. 12
2. Қисмати 2: Таъмини устувории инфрасохтори муҳимтарин ба хатарҳои табиӣ ..................... 13
3. Қисмати 3: Хароҷоти пешбининашуда барои эътибордиҳии оҷилӣ 13
4. Қисмати 4. Идоракунии Лоиҳа ……………………………………………13
А.6 Зарурат ба Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират (ҲЧМ) ........................................ 14
А.7 Асосноккунӣ барои Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират (ҲЧМ) ......................... 15
А.8 Мақсадҳои Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират (ҲЧМ) ....................................... 16
А.9 Принсипҳои Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират барои ЛМИМУОТ…………………………..17
А.10 Интихоб ва омода намудани нақшаҳои амал оид ба муҳоҷират (НАМ)……………………… 19
1. Интихоби зерлоиҳаҳо .................................................................................................. 20
2. Барӯйхатгирии аҳолӣ ва асосноккунии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ........................................ 20
3. Нақшаи амалҳо оид ба муҳоҷират ................................................................................ 21
B. АСОСҲОИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚӢ ............................................................................................ 21
B.1 Қонунгузорӣ ва сиёсати истифодашаванда ................................................................. 21
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994 ..................................................... 21
5. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996 ................................................... 22
6. Сиёсати Амалиётии Бонки Умумиҷаҳонӣ (СА 4.12) дар самти муҳоҷирати иҷборӣ (июл, соли 2013) ............................................................................................................................ 25
B.2 Муҷоисаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сийсати Бонки Умумиҷаҳонӣ .................. 25
1. Давраи мутобиқшавии одамони маҷбуран кӯчондашуда ба шароити нав ва муҳити зист ....... 26
C. МЕЪЁРҲОИ СОҲИБҲУҚУҚӢ ВА ТАРТИБҲО БАРОИШАХСОНИ ТАБАҚАҲОИ ГУНОГУНЕ, КИ ЛОИҲА ДАХОЛАТ КАРДААСТ ......................................................................................... 28
C.1 Принсипҳо ..................................................................................................................... 28
C.2 Меъёрҳои соҳибҳуқуқӣ ва пешниҳоди ҳуқуқҳо ......................................................... 29
C.3 Зергурӯҳҳои осебпазир ................................................................................................. 36
C.4 Усулҳои муайянкунии санаи иваз шудани мақоми ҳуқуқӣ ....................................... 37
D. ЧОРАБИНӢ ВА ТАРТИБҲОИ ТАТБИҚИ ҲЧМ ВА НАМ ............................................... 38
D.1 Хулоса ........................................................................................................................... 38
D.2 Назорати фаъолияти Лоиҳа ......................................................................................... 39

D.3 Дараҷабандии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва баҳисобгирии талафот ……………..…………………………39
D.4 Таҳияи нақшаи амал оид ба муҳоҷират (НАМ)… …….....................................................................40
D.5 Эълон кардан ва тасдиқи НАМ………………………………………………………………………40
E.УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ ДОРОИҲОИҲОИ ДАХЛКАРДАШУДА ..................................................…41
E.1 Намуди пардохтҳои ҷубронӣ ...……………………………………………………….…..41
E.2 Омодагӣ барои барӯйхатгирии активҳо ....................................................……....................42
E.3 Усулҳои баҳодиҳӣ…………………………………………………………………….……………42
1. Муносибат "аз рӯи арзиши барқароршаванда" ……………………..............................................43
2. Арзиши барқароршавандаи ҷории умумӣ ..............................................................................……43
3. Усулҳои дигар…………………………………………………………………………………..43
4. Ҷуброн барои замин……………………… ...........................................…………. 43
5. Ҳисобкунии ҷуброн барои маҳсулоти кишоварзӣ ва дарахтони боровар ……………………..….44
6. Ҷуброн барои иншоот…………………………………………………………………….........45
7. Ҷуброн барои активҳои ҷамоат (моликияти умумӣ)………………………… …………………45
8. Ҷуброн барои ҷойҳои муқаддас……………………………………………………………...45
9. Ҷуброн барои гум кардани фаъолияти соҳибкорӣпредпринимательской деятельности… ……..46
F. Механизми баррасии шикоят ва пешниҳодҳо ...........................................…………………………46
F.1 Раванди умумӣ…………………………………………………………………………………46
F.2 Тартиб…………………………………………………………………………………….........47
F.3 Китоби шикоят ва пешниҳодҳо……… ....................................................................………………..48
F.4 Мониторинги шикоятҳо………………… ………………………………………..........................49
G. БУҶЕТИ ТАТБИҚИ ҲЧМ ………………………………………………………………….49
H. МЕХАНИЗМИ МАШВАРАТҲО ВА ИШТИРОКИ ШАХСОНИ КӮЧОНИДАШУДА ҲАНГОМИ БАНАҚШАГИРӢ, АМАЛИСОЗӢ ВА МОНИТОРИНГ ....……………………………….…………….…50
I. ТАДБИРҲО ОИД БА МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲӢ…… .........…………………………….…..50
I.1 Чорабиниҳои умумӣ, ҳаҷм ва мазмуни онҳо их объем и содержание………………………….....50
I.2 Нишондиҳандаҳо …………………………………………………………………………....51
I.3 Мониторинги татбиқи Нақшаи амалисозии муҳоҷират (НАМ) ...............................…………52
I.4 Пешниҳоди ҳисобот ……………………………………………………………..……54
ЗАМИМАИ 1. ҶУЗЪҲОИ АСОСИИ НАМ ……………………………………………..…......55
ЗАМИМАИ 2. СОХТОРИ ТАШКИЛИИ ТАТБИҚИ ҲЧМ ВА НАМ

**Акронимҳо ва ихтисорот**

| | |
|---|---|
| ШК | Шахсони кӯчондашуда |
| ҲМЛ | Ҳисоботи муфассали лоиҳа |
| МФГ | Муҳокима дар фокус-гурӯҳҳо |
| КББ | Комиссия оид ба баррасии баҳсҳо |
| КДСИАД | Кумитаи давлатӣ оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КЗҶТ | Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ЛМИМУОТ | Лоиҳа оид ба мустаҳкамгардонии инфрасохтори муҳимтарин барои омодагии устуворӣ бар офатҳои табиӣ |
| ТҶ | Ташкилоти ҷамъиятӣ |
| СА | Сиёсати амалиётӣ |
| ШЛД | Шахсони лоиҳа дахолаткарда |
| ХЛД | Хонаводаи лоиҳа дахолаткарда |
| МТЛ | Маркази татбиқи лоиҳа |
| ҲКРК | Ҳисоботи кварталӣ оид ба раванди корҳо |
| КММ | Корманд оид ба масъалаҳои муҳоҷират |
| НАМ | Нақшаи амалисозии муҳоҷират |
| ҲЧМ | Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БТИ | Баҳодиҳии таъсироти иҷтимоӣ |
| ҶМ | Ҷадвали маош (моҳона) |
| TJS | Сомонӣ (асъори миллӣ) |
| БУ | Бонки Умумиҷаҳонӣ |
| ХЗС | Хонаводае, ки занон сарварӣ мекунанд |
| ГО | Гурӯҳи осебпазир |

**Мафҳумҳо**

Дар ин Ҳуҷҷати чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират, ба ғайр аз ваъиятҳои махсусан мушаххас:

**«Шахсони лоиҳа дахолаткарда (ШЛД**)» – Шахсоне, ки аз ночорӣ ба онҳо муҳоҷират таъсир мерасонад.

**«Муҳоҷират аз ночорӣ»** – аз ноилоҷӣ гирифтани замин, ки ба таъсири бевоситаи иқтисодию иҷтимоӣ ба чунин ҳолат меоварад: а) ҷой иваз кардан ё аз даст додани манзил\иқоматгоҳ; б) аз даст додани дороиҳо ва ё дастрасӣ ба дороиҳо ; ё в) аз даст додани манбаъҳои даромад ё воситаи мавҷудият, новобаста аз он, ки ШЛД бояд ба дигар ҷой кӯчад ё не.

**«Санаи иваз шудани мақоми ҳуқуқӣ»** – санае, ки то он ШЛД ва дороиҳои онҳо муайян карда шудаанду навкӯчидаомадагон \ шахсоне, ки ба ихтиёрдорӣ сар мекунанд, наметавонанд барои ҷубронпулӣ ва дигар кӯмакҳо даъво кунанд. Шахсоне, ки ҳуқуқашон ба моликият-замин\дороиҳо, ҳуқуқ барои доштани қитъаи замин то санаи иваз шудани мақоми ҳуқуқӣ муайян карда шудааст, новобаста аз муайян шуданашон ҳангоми барӯйхатгирии аҳолӣ, барои гирифтани кӯмак ҳуқуқ доранд.

**«Ҷуброн»** – пардохти моддӣ, пулӣ ва бо дигар дороиҳо, бар ивази қитъаи замини гирифташуда, аз даст додани дигар дороиҳо (амволи ғайриманқул ҳам ба он дохил аст) ё аз даст додани воситаҳои дигари зиндагӣ дар натиҷаи татбиқ шудани Лоиҳа.

**«Барӯйхатгирии аҳолӣ»** – баҳисобгирии пурраи шумораи аҳолӣ, бо муқоиса кардани маълумоти демографӣ ва дороӣ, ки Лоиҳа дахолат мекунад. Дар ин ҳолат шумораи шахсоне, ки лоиҳа дахолат мекунад, инчунин хислат ва сатҳи таъсир муайян карда мешавад.

**«Нақшаи чорабиниҳо оид ба муҳоҷират (НЧМ)»** – восита (ҳуҷҷат) оид ба муҳоҷирати аҳолӣ, ки ҳангоми муайян кардани макони татбиқи Лоиҳа тайёр карда мешавад. НЧМ талаботи мушаххас ва аз назари ҳуқуқӣ ҳатмиро дар бар мегирад, ки онҳо бояд ҳангоми кӯчонидан ва пешниҳоди ҷуброн ба тарафи дахлдошта, то оғози татбиқи Лоиҳа, ҳатман иҷро карда шаванд.
**«Кӯмак ҳангоми муҳоҷират»** – тадбирҳо барои таъмини он, ки ба ШЛД ҳангоми аз як ҷой ба ҷои дигар кӯчидан ёрӣ лозим шавад, кӯмакпулӣ, аз ҷумла кӯмакпулӣ ҳангоми кӯчидан, манзил ё маблағи иҷораи манзил, вобаста ба имконият ва аз рӯи зарурат, ҷиҳати сабук кардани мушкилот ҳангоми иваз кардани макони зист\муҳоҷират, дода мешавад.
**«Арзиши барқароршавандаи хонаҳо ва дигар сохторҳо»** –арзиши мавҷудаи бозории маводи сохтмон, барои иваз кардани сохтори дахлкардашуда, бо ҳудуд ва сифате, ки ба сохтори дахлкарда монанд ва ё аз он беҳтар бошад, ё қисман таъмир кардани сохтори дахлкардашуда,

ҷамъи арзиши кашондани маводи бинокорӣ ба майдончаи сохтмон, ҳамчунин хароҷоти меҳнат ва пардохти музди кори пудратчиён, хароҷот барои бақайдгирӣ ва пардохти андозҳо барои додани амволи ғайриманқули шахсӣ. Ҳангоми муайян кардани арзиши барқароркардашаванда хӯрдашавии дороиҳо ва маводи боқимондаи коршоям ба ҳисоб гирифта намешавад ва ҳамчунин фоидаи аз Лоиҳа бадастовардашуда, аз арзиши дороиҳои дахлкарда, бароварда намешавад..

**«Ба даст овардани замин»** – маҷбуран гирифтан ё бегона кардани замин, биноҳо ва дигар дороиҳо барои мақсадҳои лоиҳа. Соҳибони замин ҳуқуқ доранд оид ба арзиши пешниҳодшудаи ҷуброни замин баҳс кунанд. Ба ин дохил мешавад замин ё дороиҳо, ки соҳибмулк тибқи анъанаҳо ҳуқуқи бебаҳс дорад.

**«Кӯмак барои барқарорсозии иқтисодӣ»** – пешниҳоди кӯмак, бар замми ҷубронпулӣ, масалан барои тайёр кардани замин, воситаҳои қарзӣ, омӯзиш ё имконияти таъмин бо ҷои кор, бо мақсади он, ки ШЛД имкон ёбанд воситаҳои худро барои мавҷудият беҳтар намуда, сатҳи зиндагиашонро баланд бардоранд ё ақаллан сатҳи пешинаи зиндагиашонро, ки то татбиқи лоиҳа доштанд, нигоҳ доранд.

**«Ҳуҷҷати чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират (ҲЧМ)»** – воситаест (ҳуҷҷат), ки дар ҳамаи раванди татбиқи лоиҳа истифода мешавад. ҲЧМ мақсадҳо ва принсипҳо, чорабиниҳои ташкилию механизмҳои маблағгузориро барои муҳоҷират, ки дар раванди татбиқи лоиҳа лозим мешаванд, муқаррар мекунад. ҲЧМ Нақшаҳои чорабиниҳоро оид ба муҳоҷирати аҳолӣ дар лоиҳаҳои мушаххас, бо мақсади қонеъ гардондани талаботи одамон, ки лоиҳа метавонад ба онҳо дахл кунад, равона менамояд. Ҳамин тариқ, Нақшаҳои чорабиниҳо оид ба муҳоҷирати аҳолӣ (НЧМ) барои лоиҳа дар асоси низомҳои ҳамин ҲЧМ омода карда мешаванд.

**«Арзиши барқароршаванда барои замин»** – барои заминҳои кишоварзӣ ин маънои арзиши бозории замин то татбиқи лоиҳа ё то саршавии муҳоҷиратро вобаста ба арзише, ки зиёдтар аз сатҳи ҳосилнокӣ ё истифодабарӣ дар наздикии ҳамин қитъаи замин; ҷамъи хароҷот ба ҳамон сатҳе, ки то сатҳи замини дахлкарда монанд; ҷамъи хароҷот барои бақайдгирӣ ва пардохтҳои андоз барои ба каси дигар додани моликияти хусусиро ифода мекунад. Барои заминҳои маҳалли шаҳрӣ бошад ин ифодакунандаи арзиши бозории замин то муҳоҷират, бо сатҳи баробари маҳсулнокӣ ё истифодабарӣ, бо инфрасохтор ва хизматрасониҳои ба ҳамин монанд ва ё беҳтар аз он, дар наздикии қитъаи замин, ҷамъи хароҷот барои бақайдгирӣ ва пардохтҳои андоз барои ба каси дигар додани моликияти хусусӣ.

**«Скваттер (худсарона истифодабаранда)»** –Шахсе, ки қитъаи замини ба давлат тааллуқдоштаро (бе асоси қонунӣ, худсарона) бо мақсади коркарди он ва ё бо мақсади соҳибкорӣ забт карда аст.

**«Иҷорагир»** – Шахсе, ки маблағи иҷораро мепардозад ва ё аз ҳисоби ӯ маблағи иҷораи моликият пардохта мешавад.

**«Хонаводе, ки занон сарварӣ мекунанд (ХЗС)»** – хонаводе, ки мардониболиғ ва маошгир надоранд хонаводаҳое мебошанд, ки занон сарварӣ мекунанд. Ин зан метавонад шахси бевамонда, ҷудошуда ва ё партофташуда бошад.

**«Гурӯҳи осебпазир (ГО)»** – Гурӯҳи осебпазир метавонанд инҳо бошанд (танҳо бо инҳо маҳдуд намешавад): (i) ШЛД, ки ба зергурӯҳи "берун аз ҳудуди қашшоқӣ" (сатҳи даромадашон камтар аз 15 сомонӣ дар як рӯз мебошад) дохил мешаванд; (ii) одамони безамин; (iii) хонаводаҳое, ки занон сарварӣ мекунанд; (iv) кӯдакон ва шахсони пиронсол[1], ки ба инҳо ятимон ва бебаҳрамондагон низ шомиланд; ва (v) одамони ҷисман\руҳан ва аз назари ақлонӣ ноқис\ақибмонда.

[1] Тибқи маълумоти Агентии омор оид ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯдакони аз 14 сола ва боло аҳолии қобили кор дониста мешаванд, дар айни ҳол мардони 63 сола ва занони 58 сола нафақахӯр ҳисоб меёбанд. ШЛД то 14 солагӣ кӯдак ҳисоб карда мешаванд, дар айни замон дар доираи лоиҳа шахсони аз 60 сола боло одамони пир шуморида мешаванд. Тибқи Кодекси меҳнат, кӯдакони аз 15 сола боло барои расман кор карда, маош гирифтан бе шиноснома ҳуқуқ надоранд (шиноснома дар 16 солагӣ дода мешавад). Кордиҳандагон ҳангоми қабул ба кор ба онҳое аввалият медиҳанд, ки соҳиби касб ва таҷриба бошанд.

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Иқлими кӯҳсори Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ба таври худ нотакрор буда, ҳам аз лиҳози релеф, ҳам аз назари геологию гидрогеологӣ тамоюли зиёди гирифтор шудан ба офатҳои табииро дорад. Дар ин ҷо обхезӣ, заминларза, фаромандани тармаю ярч, омадани сел, боришоти барфи зиёд, сангрез ва хушксолӣ ба назар мерасад. Тоҷикистон дар байни давлатҳои минтақа аз ҷиҳати осебпазирӣ мақоми аввалро ишғол мекунад.

Тавре аз маълумотҳои расмӣ бармеояд Тоҷикистон дар давоми солҳои 1997-2011 аз офатҳои табиӣ бештар аз 353 миллион доллари амрикоӣ зарар дидааст, ки ин ба рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва инчунин, паст намудани сатҳи камбизоатӣ монеъа эҷод карда, барои бо шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолӣ халал мерасонад.

Дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ Тоҷикистон яке аз давлатҳои ҷавонтарин ва босуръат рушдёбанда ба шумор меравад. Аҳолии Тоҷикистон 8,2 миллионро ташкил медиҳад, ки аз ин ҳамагӣ 27% аҳолӣ дар шаҳр зиндагӣ мекунад.

Масоҳати умумии мамлакат 143,000 км$^{2}$-ро ташкил медиҳад, ки 93% кӯҳсор буда, танҳо 7% заминҳои корам мебошанд. Қаторкӯҳҳои баланди дар тамоми кишвар ҷой гирифта, робитаи байни қисматҳои гуногуни ҷумҳуриро, махсусан дар фасли зимистон, мушкил мегардонад. Дар тафовут бо давлатҳои ҳамсоя (масалан, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон) Тоҷикистон захираҳои бои обӣ дошта, имконияти гидрознегетикиаш хеле зиёд аст, аммо захираи нафту газ ва маводи ба ҳамин монандаш нисбатан ночиз мебошад.

Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро асосан кӯҳҳо банд кардаанд, ки дорои ҳазорҳо дарё ва пиряххо мебошанд. Намуди нотакрори кӯҳсори Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ба таври худ нотакрор буда, ҳам аз лиҳози релеф, ҳам аз назари геологию гидрогеологӣ тамоюли зиёди гирифтор шудан ба офатҳои табиӣ ба монанди обхезӣ,заминларза, селҳо, тарма, хушксолӣ ва боридани барфи зиёдро дорад. Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ нисбат ба дигар давлатҳо минтақа аз офатҳои табиӣ нисбатан осебпазир аст. Офатҳои табиӣ дар оянда метавонанд ба иқтисоди мамлакат таъсири вайронкунанда дошта бошанд (54% ММД) ва ба зиёда аз 50% сокинон зарар расонанд. Тағйирёбии иқлим, тавре интизор меравад, дар оянда низ боиси тез тез рух додан ва ва оқибатҳои вазнин доштани офатҳои табиӣ вабаста ба хусусиятҳои гидрометеорологидошта мегардад.

Обхезӣ дар мамлакат аз хатарҳои бештар рухдиҳанда ба шумор рафта, барои Тоҷикистон хатарҳои зиёд на танҳо ба навоҳии кӯҳистон ва талу теппадор, ки нисбатан камодам мебошанд, балки ба навоҳии сераҳолии шаҳрӣ низ таҳдид менамояд. Чун қоида, обхезӣ асосан дар фасли баҳор, баъди боридани зиёд ва тобистон ҳангоми обшавии пиряххо рух медиҳад. Аммо бинобар дигаргуншавии боришот ва тағйирёбии иқлим, обхезиҳои ғайримавсимӣ, тавре дар назар аст, ба шумори ҳодисаҳои ғайриоддӣ дохил мешавад, ки дар оянда кишвар ба он рӯ ба рӯ хоҳад гашт. Масалан, моҳи июли соли 2015 бинобар гармиҳои ғайриоддӣ ва обшавии пиряххо обхезиҳо ва селҳои фалокатбор дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ рух доданд. Тибқи маълумоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, талафоти иқтисодӣ бинобар обхезиҳо дар моҳи июли соли 2015 дар ҳудуди 100 миллион доллари ИМА, қарор дорад, ки баробари 1,1% маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) Тоҷикистон аст.

Аз сабаби он, ки Тоҷикистон дар минтақаи фаъоли заминларза қарор дорад, заминларза метавонад ба иқтисодиёти мамлакат хисороти зиёд ворид намояд. Дар гузашта, аксари харобиҳо ва марги одамон дар натиҷаи зарари дуюмбораи заминларза, аз қабили фаромадани ярч, сангрез, селҳо ва заминкӯчӣ рух додааст Дар соли 2015, дар Тоҷикистон 3 заминларзаи калон ба қайд гирифта шудааст: заминларза дар Ҳиндукуш (М 7,5) 26 октябр, заминларзаи Мурғоб (М7,2) 8 декабр ва заминларза дар қисми шимолии Афғонистон (М6,3) 25 декабр. Оҷилан эътино кардан ва баҳо додани зарари он бинобар мавҷуд набудани алоқа ва баста будани роҳҳо мушкил буд. Чанд оила дар зимистон бе сарпаноҳ монданду қитъаҳои гуногуни роҳҳо дар навоҳии ВМКБ баста буданд. Ин ҳодисаҳо дастрасиро ба як қатор деҳаҳо (аз ҷумла, дар водии Бартанг) маҳдуд намуданд, захираи сӯзишворӣ барои ҳолатҳои фавқулодда ба охир расида, аксари сокинон аз воситаҳои зиндагӣ маҳрум гардиданд.

Фаромадани ярч хатари дигари ҷиддӣ барои ҷумҳурӣ мебошад. То имрӯз зиёда аз 50 000 қитъаи фаромадани ярч дар харита қайд гардидааст, ки аз ин 1,200 адад барои нақтаҳои аҳолинишин, роҳҳо, шабакаҳои обёрӣ ва дигар иншоот таҳдид мекунад. 36% ҳудуди ҷумҳурӣ дар зери таҳдиди ярч қарор дорад, ки дар ин ҳудудҳо 11% аҳолии мамлакат зиндагӣ менамояд. Фаромадани ярч дар натиҷаи боришоти зиёд, обхезиҳо, ва гоҳо дар натиҷаи заминларза ба назар мерасад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ қарор кард, ки Лоиҳаи **“Мустаҳкамгардонии инфрасохтори муҳимтарин барои омодагии устуворӣ бар офатҳои табиӣ” (МИМУОТ)**-ро ҷиҳати идора кардани хатари офатҳои табиӣ ва кам кардани зарари онҳо амалӣ намояд. ЛМИМУОТ аз 4 қисмат (компонент) иборат мебошад:

1. Мустаҳкам кардани иқтидорҳо дар самти Идора кардани Хатарҳои офатҳои табиӣ (ИХОТ) дар Тоҷикистон.
2. Таъмини устувории инфрасохтори муҳимтарин ба хатарҳои табиӣ.
3. Хароҷоти пешбининашуда барои оҷилан эътино кардан.
4. Идоракунии Лоиҳа\Барнома

Бонки Умумиҷаҳонӣ таҳияи Ҳуҷҷати чаҳорчӯбавӣ оид ба муҳоҷиратро барои лоиҳаҳое, ки чанд зерлоиҳа доранду, хислат ва сохторашон равшан нест, талаб менамояд. ЛМИМОТ маблағгузории зерлоиҳаҳоро дар минтақаҳои фарогири Лоиҳа пешниҳод менамояд, аммо бинобар он, ки дизайни зерлоиҳаҳо ҳоло таҳия нашудаанд, назорати зерлоиҳаҳо ва омода кардани Нақшаи чорабиниҳо оид ба муҳоҷират барои ин зерлоиҳаҳо айни замон номумкин аст, ба он хотир, ки асосҳои сиёсати муҳоҷират (АСМ) барои иҷрои назорат аз рӯи зерлоиҳаҳо, гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин, агар зарур шавад, омода кардани Нақшаи чорабиниҳо оид ба муҳоҷират (НЧМ) анҷом дода шавад.

Ҳамаи зерлоиҳаҳое, ки дар доираи ЛМИМУОТ пешниҳод карда мешаванд, дар мисоли оқибатҳои иҷтимоӣ санҷида мешаванд ва ба талаботи ин сиёсат, новобаста аз манбаъ ва механизами маблағгузорӣ, мутобиқ гардонида мешаванд. ҲЧМ, баъд гузаронидани машваратҳо ва дар мувофиқа бо Бонки Умумиҷаҳонӣ, бо мақсади таъмини саривақтӣ ва мувофиқат кардан ба талаботи қонунгузорӣ, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сиёсати амалиётии Бонки Умумиҷаҳонӣ вобаста ба муҳоҷират аз ноилоҷӣ (СА 4.12) мунтазам тайир ва такмил дода мешавад.

Баъди ба охир расидани корҳои муфассали муҳандисӣ, дар ҳолате, ки санҷиши зер лоиҳа муҳоҷирати ноилоҷро ҳангоми татбиқи он нишон диҳад, дар асоси бақайдгирӣ Шахсони Лоиҳа Дахлкарда (ШЛД), ки бояд кӯчонида шаванд, таҳқиқи иқтисодию иҷтимоӣ гузаронида, Нақшаи муҳоҷират таҳия карда мешавад. Бақайдгирӣ ва таҳқиқи иқтисодию иҷтимоӣ нисбат ба ҳар як зерлоиҳа, ки муҳоҷиратро дар бар гирифтааст, бо мақсади муайян кардани ҳудуди кӯчонидан ва ҳаҷми зарари имконпазир, муайян кардани гурӯҳҳои осебпазири мақсаднок, муайян кардани хароҷот барои муҳоҷират ва таҳия кардани Барномаи Муҳоҷират ва барқароркунӣ, анҷом дода мешавад. Санҷиши зерлоиҳаҳо, таҳия ва татбиқи НАМ аз ҷониби Маркази татбиқи Лоиҳаи (МТЛ) МИМУОТ иҷро карда мешавад.

Ин ҲЧМ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус (i) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, слли 1994 (бо тағйирот ва иловаҳои солҳои 1999, 2003, 2016); (ii) Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996 (бо тағироту иловаҳои солҳои 1997, 2001, 2003, 2006, 2008, 2011, 2012, 2014, 2016) ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 (бо тағйироту иловаҳои соли 2007), инчунин Сиёсати амалиётии БУ дар самти Муҳоҷират аз ноилоҷӣ (МН 4.12) омода карда шудааст. Дар сурати ихтилоф Сиёсати БУ бартарӣ дорад.

Асоси пешниҳоди ҳуқуқҳо бо дарназардошти ҳамаи намуди талафот, хислатҳои мувофиқ ва андозаи ҷубронпулӣ таҳия гардида, ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати амалиётии Бонки Умумиҷаҳонӣ мутобиқ аст.

Маркази татбиқи Лоиҳа (МТЛ) ЛМИМООТ барои амалишавии низомҳои НАМ и зерлоиҳаҳо масъул мебошад. Кумитаи баррасии низоъҳо (КБН) дар ду сатҳ- дар сатҳи зерлоиҳаҳо ва дар сатҳи ЛМИМООТ бо мақсади дастрас кардан, баҳо додан ва мусоидат намудан дар ҳалли проблемаҳо, шикоятҳо ва эътирозҳо аз ҷониби ШЛД, ташкил карда мешавад.

Бо мақсади он ки бо ҷамоаҳо якҷоя амал карда, сатҳи огоҳии сокинон дар бораи Лоиҳа баланд бардошта шавад, инчунин масъалаҳои марбут ба кучонидан ҳал карда шавад, гурӯҳҳои гуногуни ШЛД ва дигар ҷонибҳои манифатдор бояд дар машваратҳо тавассути баҳсҳо дар фокус гурӯҳҳо (БФГ), маҷлисҳо ва интервюҳои фардӣ ҳангоми таҳияи НАМ и зер лоиҳаҳо ва дар давраи татбиқи Лоиҳа иштирок намоянд.

Маълумот дар байни ШЛД дар давраҳои гуногун паҳн карда мешавад. Мазмуни мухтасари ин лоиҳаи ҲЧМ бо забони тоҷикӣ омода каврда шуда, ҳангоми машваратҳо дар сатҳи ҷамоаҳо баён карда шуда, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ барои дастрасии сокинон овехта мешавад.

Матни пурраи ҲЧМ дар веб сайти Маркази татбиқи Лоиҳаи "Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот" и назди Вазорати молияи ҶТ ҷой дода шуда, нусхаи коғазии онро аз МТЛ МИМООТ дастрас кардан метавон.

НАМ и ҳар як зерлоиҳа ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тарҷума ва ба ШЛД пешниҳод карда мешавад. Дар баробари Ҳисоботи семоҳа оид ба татбиқи Лоиҳа (ҲСЛ), ҳамчунин ҳисобот оид ба чой кардани маълумот бо нишондоди сана ва макон, барои баррасӣ ба БУ пешниҳод карда мешавад

Барои иҷрои мониторинги самаранокии татбиқи НАМ мониторинг ва баҳодиҳии дохилӣ пешниҳод карда хоҳад шуд. Мониторинги дохилӣ аз ҷониби МТЛ МИМООТ иҷро карда мешавад.

# А. Пешгуфтор

## А.1 Сарсухан

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Умумиҷаҳонӣ бо мақсади таъмини устувории инфрасохтори муҳимтарин ба хатарҳои табиӣ ҳамкории зич доранд. Бо мақсади иҷрои ин вазифаҳо Бонки Умумиҷаҳонӣ барои татбиқи стратегияи рушд, гирифтани таҳлили ташхисӣ ва татбиқи лоиҳаҳои мушаххас, ба мисли омода намудани асосноккунии техникию иқтисодӣ ва лоиҳаҳои муфассали техникӣ, ҳамчунин сохтмони инфрасохтор барои ҳифз аз обхезӣ, махсусан барои минтақаҳои Вилояти Хатлон, ки дар натиҷаи обхезии солҳои гуногун зарар дидаанд, маблағгузориро пешниҳод менамояд.

## А.2 Муҳтаво

Обхезӣ дар мамлакат аз хатарҳои бештар рухдиҳанда ба шумор рафта, барои Тоҷикистон хатарҳои зиёд на танҳо ба навоҳии кӯҳистон ва талу теппадор, ки нисбатан камодам мебошанд, балки ба навоҳии сераҳолии шаҳрӣ низ таҳдид менамояд. Чун қоида обхезӣ асосан дар фасли баҳор, баъди боридани зиёд ва тобистон ҳангоми обшавии пиряххо рух медиҳад. Аммо бинобар дигаргуншавии боришот ва тағйирёбии иқлим, обхезиҳои ғайримавсимӣ, тавре дар назар аст, ба шумори ҳодисаҳои ғайриоддӣ дохил мешавад, ки дар оянда кишвар ба он рӯ ба рӯ хоҳад гашт. Масалан, моҳи июли соли 2015 бинобар гармиҳои ғайриоддӣ ва обшавии пиряххо обхезиҳо ва селҳои фалокатбор дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ рух доданд. Тибқи маълумоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, талафоти иқтисодӣ бинобар обхезиҳо дар моҳи ибли соли 2015 дар ҳудуди 100 миллион доллари ИМА, қарор дорад, ки баробари 1,1% маҷмуи маҳсулоти дохилии (ММД) Тоҷикистон аст.

## А.3 Маълумоти мухтасар оид ба Лоиҳа\ МИМОУОТ

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Бонки Умумиҷаҳонӣ қарор кард, ки Лоиҳаи **“Мустаҳкамгардонии инфрасохтори муҳимтарин барои омодагии устуворӣ бар офатҳои табиӣ” (МИМУОТ)**-ро ҷиҳати идора кардани хатари офатҳои табиӣ ва кам кардани зарари онҳо амалӣ намояд. ЛМИМУОТ аз 4 қисмат (компонент) иборат мебошад:

   1. **Мустаҳкам кардани иқтидорҳо дар самти Идора кардани Хатарҳои офатҳои табиӣ (ИХОТ) дар Тоҷикистон.**
   2. **Таъмини устувории инфрасохтори муҳимтарин ба хатарҳои табиӣ.**
   3. **Хароҷоти пешбининашуда барои оҷилан эътино кардан.**
   4. **Идоракунии Лоиҳа\Барнома**

3. Вазорати молия дар татбиқи лоиҳа нақши пешбаранда ва ҳамоҳангсоз дошта, инчунин идоракунандаи воситаҳои маблағии он мебошад. ВМ қисматҳои 1,3 ва 4 и лоиҳаро татбиқ менамояд. Қисмати (компоненти) 2 тавассути ду вазорат татбиқ карда мешавад. Вазорати нақлиёт қисмати вобаста ба нақлиётӣ ва Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ бошад корҳои вобаста ба соҳилмустаҳкамкуниро дар доираи қисмати 2 амалӣ менамоянд . ВН ва Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ (АБЗО) барои харид, назорати техникӣ ва таъминоти бехатарии фаъолияти ба онҳо вобаста, масъул мебошанд.

## A.4 Мақсади Лоиҳа

4. Мақсади Лоиҳаи **"Мустаҳкамгардонии инфрасохтори муҳимтарин барои омодагии устуворӣ бар офатҳои табиӣ" (МИМУОТ)** беҳтар кардани устувории инфрасохтори муҳимтарин ҳангоми офатҳои табиӣ, инчунин мустаҳкам кардани иқтидори Ҳукумат дар самти идоракунии хатарҳои офатҳои табиӣ мебошад.

5. Манфиатдорони асосӣ сокинони ноҳияҳои фарогири Лоиҳа дар Вилояти Хатлон (Кӯлоб, Восеъ, Қубодиён, Шаҳритус) ва ВМКБ (Ванҷ, Рӯшон) ба шумор меравaнд, ки аз барқароркунии соҳили обшустаи дарёҳо ва пулҳо бевосита фоида мебинанд. Дар баробари ин, намояндагони Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, Вазорати нақлиёт ва Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ аз кӯмаки техникӣ ва беҳтар кардани иқтидорҳои ташкилӣ дар самти банақшагирӣ, татбиқ ва мониторинг манфиат мебинанд

## A.5 Қисматҳои Лоиҳа ва Чорабиниҳо

**Қисмати 1. Устувор гардондани имкониятҳо оид ба идоракунии хатарҳои офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

6. Ин қисмат ба пурзур кардани имкониятҳо оид ба пешгирии хатарҳои офатҳои табиӣ, ба мисли пешниҳоди таҷҳизот барои ташкилотҳои гуногун, бунёди системаи байниидоравии паҳн кардани маълумот оид ба хатарҳо, таҳияи механизми самараноки маблағгузории хатарҳо ва дастгирии Стратегияи нави Миллӣ оид ба идора кардани (ХОТ) равона карда шудааст. Аз ҷумла, ин қисмат чунин зер қисматҳоро дар бар мегирад: i) Бо мақсади беҳтар омода будан дар ҳолатҳои фавқулодда такмили марказҳо ва системаҳои идоракунӣ барои Кумитаи ҳаолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани; ii) баҳодиҳии хатари заминларза ҷиҳати беҳтар муайян кардани хатарҳо барои Институти геология, сохтмони ба заминларза тобовар ва заминларзаи назди Академияи илмҳои ҶТ; iii) омода намудани стратегияи ҳимояи молиявӣ барои кам кардани холигии хазина дар ҳолати рух додани офати табиӣ.

**Қисмати 2. Таъмини устувории иншооти муҳимтарин ба хатарҳои табиӣ.**

7. Қисмати 2 дар навбати худ аз 2 зерқисмат иборат аст:

Зерқисмати 1 "**Нақлиётӣ"** ном дошта, зимни татбиқи он 5 пул дар водии Ванҷ, 1 пул дар шоҳроҳи Душанбе-Хоруғ, 3 пул дар водии Язғуломи ВМКБ барқарор карда хоҳад шуд.
Зерқисмати 2 "Идоракунии хатарҳои обхезӣ" ном дошта, зимни он корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар мавзеи баҳамоии дарёҳои Зиракӣ ва Даҳанаи наздики шаҳри Кӯлоб; соҳилмустаҳкамкунӣ дар дарёи Ёхсу наздики деҳаҳои Шобика ва Лархобии ноҳияи Восеъ; корҳои

соҳилмутаҳкамкунӣ дар мавзеи баҳамоии дарёҳои Қизилсу ва Ёхсуи ноҳияи Восеъ; иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ дар наздики деҳаи Хушодии ноҳияи Шаҳритус; иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ дар дарёи Кофарниҳон ноҳияи Қубодиён.

**Қисмати 3. Зерқисмати шартӣ оид ба устувор гардодани имконот ҳангоми ҳолати фавқулодда**

8. Вазифаи ин қисмат беҳтар кардани иқтидори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эътино кардан ҳангоми офатҳо мебошад. Баъди рух додани офати табиӣ ё дигар ҳолати антропогенӣ, ки фоҷиабор аст, Ҳукумати ҶТ метавонад ба БУ оид ба равона кардани маблағҳои ин қисмат барои қисман пушонидани хароҷоти вобаста ба ҳолати фавқулодда ва барқароркунӣ, дархост пешниҳод намояд. Ҳамчунин, ба ин қисмат маблағи иловагӣ низ метавон равона кард, агар дар ҳолати фавқулодда чунин имкон бошад.

**Қисмати 4. Идоракунии лоиҳа\Барнома**

9. Дар доираи ин қисмат маблағҳо барои идора кардани лоиҳа ҷудо карда хоҳанд шуд.

**А.6 Зарурати Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷират**

**10.** Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба лоиҳаҳое, ки чандин зерлоиҳаро дар бар мегиранду характер ва сохторашон муайян нестанд, баҳодиҳии Лоиҳа мавҷудияти Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷиратро талаб менамояд. Лоиҳа оид ба Мустаҳкамкунии инфрасохтори муҳимтарин ҷиҳати таъмини устуворӣ бар офатҳои табиӣ (Л**МИМУОТ**) пешниҳод менамояд, ки лоиҳаҳо барои қитъаҳои муайян маблағгузорӣ карда шаванд, чунки бояд корҳои зиёдеро оид ба таҳияи муфассали лоиҳаҳо анҷом дода мешуданду айни ҳол имкони интихоби зер лоиҳаҳо ва барои онҳо омода кардани Нақшаи амал оид ба Муҳоҷирати (НАМ) аҳолӣ ғайриимкон буда, зарурати мавҷуд будани Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷират (ҲЧМ)-ро ҳамчун дастурамал оид ба интихоби зер лоиҳаҳо, гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин омода намудани Нақшаҳои амал оид ба Муҳоҷиратро аз рӯи зарурат, тақозо менамояд.

11. Масъалаҳои иҷтимоиеро, ки метавонанд дар лоиҳаҳои инфрасохторӣ пайдо шаванд, дарк намуда, Маркази Татбиқи Лоиҳа (МТЛ)-и Мустаҳкамгардонии Инфрасохтори муҳимтарин ҷиҳати устуворӣ бар офатҳои табиӣ (**МИМУОТ)** ин Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷиратро (ҲЧМ) бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи қонунгузории ҶТ ва сиёсати Бонки Умумиҷаҳонӣ дар самти Муҳоҷират аз ноилоҷӣ (СА 4.12) омода намудааст. Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ принсипҳо ва роҳҳоро оид ба роҳ надодан ба Муҳоҷират, кам кардан ва сабук кардани таъсири иҷтимоии он, дар зерлоиҳаҳое пайдо шуда метавонад, ки БУ дар доираи Лоиҳаи Мустаҳкамгардонии Инфрасохтори муҳимтарин ҷиҳати устуворӣ бар офатҳои табиӣ (**МИМОУОТ)** маблағгузорӣ менамояду он барои беҳтар кардани муҳити зисти сокинони шаҳру

деҳот, иқтисодиёт ва шароити зиндагии одамон нигаронида шудааст. Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ, инчунин раванди машваратҳо, баҳодиҳии таъсирот, барӯйхатгирии аҳолӣ ва таҳқиқоти иқтисодию иҷтимоӣ, таҳия ва татбиқи нақшаҳо оид ба сабук кардани таъсири лоиҳаро низ таъмин менамояд.

12. Ҳамаи зерлоиҳаҳое, ки дар доираи Лоиҳаи **МИМУОТ** пешниҳод мешаванд, таъсироти иҷтимоии онҳо пурра омӯхта мешаванд ва бояд ба ҲЧМ -и мазкур, новобаста аз манбаъ ва ё усулҳои маблағгузорӣ, мутобиқат менамоянд. ҲЧМ барои мувофиқат кардан ва мутобиқат намудан бо қонунгузорӣ, Кодекси замин ва Сиёсати амалиётии БУ оид ба Муҳоҷират аз ноилоҷӣ (СА 4.12) таҳлил карда шуда, агар зарур бошад бо маслиҳат ва ҳамоҳангсозии Бонки Умумиҷаҳонӣ нав карда мешавад.

**A.7 Асосҳои Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷират**

13. Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷират (ҲЧМ) барои омода кардани чорабиниҳои мувофиқ оид ба сабук кардани натиҷаҳо ва пешниҳоди ҷубронпулиҳо барои таъсири лоиҳа ҳангоми гирифтани замин, ки ҷои аниқи он ҳанӯз муайян нест, нишондоди роҳбарикунанда медиҳад.

15. СА 4.12 –и БУ дар самти муҳоҷират аз ноилоҷӣ (маҷбурӣ) барои он дар лоиҳа амалӣ мегардад, ки баъзе амалҳо шояд гирифтани муваққатӣ ва ё доимии заминро тақозо менамояд.

16.Қисмати зиёди фаъолият дар доираи лоиҳаҳо инҳоро дар бар мегирад: i) мустаҳкамгардонӣ ва барқарор кардани иншоотҳои мавҷуда\инфрасохтор; ii) корҳои сохтмонӣ дар биноҳои алоҳида; iii) инчунин корҳои гуногуни мустаҳкамгардонӣ ва ё корҳои барқароркунӣ ё чорабиниҳое, ки дар ҳолати офатҳои пешбининагардида метавонанд рух диҳанд, ки амали қисмати Хароҷоти пешбининагардида ҳангоми эътинои таъҷилӣ пайдо мешаванд. Новобаста аз ин, ҳоло ки корҳо оид ба таҳияи муфассали лоиҳаҳо ба охир нарасидаанд, эҳтимоли он аст, ки барои бунёди иншооти муайян, масалан, майдончаҳои сохтмонӣ, макон барои партовҳо, самтҳои ҳаракати муваққатии нақлиёт\ гузаргоҳҳо, конҳои эҳтиётӣ ва амсоли инҳо, заминҳои иловагӣ доимӣ ё муваққатӣ, лозим мешаванд. Илова бар ин, зерлоиҳаҳо метавонанд муваққатан маҳдуд кардани истифодаи заминро дар назар дошта бошанд, чунки корҳои ҷараёнбарқароркунӣ (чорабиниҳои сохторӣ, ки барои беҳтар кардани ҳолати дарёҳо ва соҳили онҳо) иҷро карда мешаванд. Корҳои ҷараёнбарқароркунӣ ҷузъи муҳим барои пешгирӣ ва сабук кардани таъсири боронҳои сел\обхезӣ ва умуман назорати обхезӣ, инчунин дар дигар чорабиниҳо, ба монанди таъмини бехатар гузаштани сел ва оби зиёд аз зери пулҳо, то ҳол пурра омода нашудаанду ҷои аниқи ҷойгиршавии сарбанд, обтаъсимкунакҳо, мустаҳкам кардани соҳил, хокгирӣ маълум нест, таъсири ин чорабиниҳо танҳо баъди он, ки Шӯрои Директорони БУ лоиҳаро тасдиқ кунад,

маълум мегардад, дар ин давра бошад имкони баҳо додан ба гирифтани замин ва маҳдудият ба гирифтани он маълум нест, Ҳукумат ин ҲЧМ-ро таҳия карда аст, ки ҳамаи маълумотро оид ба гирифтани замин, маҳдуд кардани дастрасӣ ба замин ё хизматрасонӣ ва дигар зарарҳо ба дороиҳоро дар бар мегирад.

17. ҲЧМ таъсири эҳтимолиро аз фаъолияти лоиҳаҳоро муайян карда, ҳаҷми таъсири эҳтимолӣ (муваққатӣ ва доимӣ) ба истифодабарии замин\дастрасӣ ва сохторҳоро баён намуда, ба гирифтани ҷубронпулӣ ва кумак\тартиб ҳангоми муҳоҷират ишора менамояд. Ҳуҷҷати чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷират ҳамчун воситаи амалӣ таҳия гардида, омода кардани Нақшаи Амалии Муҳоҷиратро бо мақсади татбиқи он ҳангоми амалӣ кардани барнома роҳнамоӣ мекунад. Агар маълум гардад, ки Лоиҳа таъсир мерасонад, Ҳукумат НАМ ба таври мушаххас барои ҳар як зерлоиҳа дар асоси нишондод ва тартиби муқарраркардаи ҳамин ҲЧМ таҳия менамояд.

18. ҲЧМ фарқияти байни тартиби миллӣ ва тартиби БУ-ро муайян менамояд. Агар байни тартибҳо фарқият бошад, дар он сурат тартиби БУ ҳангоми татбиқи Лоиҳа бартарӣ мекунад.

19. Баъди он, ки БУ ҳамин ҲЧМ ро тасдиқ кард, он дар мамлакат паҳн карда шуда, барои ҳар як шахси Лоиҳа дахлкарда ва ҷомеъа дастрас гардонида мешавад ва инчунин тавассути саҳифаи интернетии БУ, табқи муқаррароти БУ, пешниҳоди ҳамагон гардонида мешавад. ҲЧМ ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тарҷума карда шуда, ҳамчунин дастраси аҳли ҷомеъа, махсусан ШЛД гардонида мешавад. Сармоягузории ба нақшагирифташудаи Лоиҳа танҳо баъди амалӣ шудани НАМ шуруъ мегардад.

**А.8 Ҳадафҳои Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷират (ҲЧМ)**

20. Ҳамин ҲЧМ тартиб ва принсипҳоеро инъикос менамояд, ки ҳангоми зарурат ба муҳоҷират МТЛ МИМУОТ дар ҳамоҳангӣ бо Ҳукумати марказӣ ё Ҳукумати маҳаллӣ тибқи қонунгузории ҶТ ва Дастури амалиётии БУ (4.12) дар самти муҳоҷират аз ноилоҷӣ ҲЧМ асосҳои қонунӣ, меъёрҳои соҳибҳуқуқии ашхоси кӯчида, матритсаи пешниҳоди ҳуқуқҳо, ҷараёни татбиқ, методологияи баҳодиҳӣ, таъмини ҷубронпулӣ, механизми баррасии арзу шикоят ва пешниҳодот, тартиби пардохт ба ба шахсони ҳуқуқдор, инчунин тартиби ҷории назорат ва баҳодиҳӣ барои гирифтани замин ва муҳоҷират дар доираи ҳамин Лоиҳа муайян мекунад.

21. Ҳадафҳои асосии ҲЧМ: (i) ба равона кардани фаъолияти МТЛ МИМУОТ, ҳукумати марказӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба дуруст муайян кардани талаботҳо, ҷудо кардани ҷубронпулӣ ва маблағҳои барқароркунӣ барои мавҷудияи ШЛД ; (ii) ҳамчун ҳуҷҷати ҳатмии ҳуқуқӣ барои таъмини пардохти ҷубронпулӣ ва

пешниҳоди кӯмак ба ШЛД хизмат мекунад; ва (iii) ба таҳия, навгардонӣ ва назорати ҷорӣ ба НАЛ лоиҳаҳо роҳбарӣ менамояд. ҲЧМ чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки ШЛД: (i) оид ба имкониятҳо ва ҳуқуқҳояшон дар самти муҳоҷират маълумот дошта бошанд; (ii) оид ба имконияти эҳтимолии интихоб ва оид ба роҳҳои алтернативии ҳалли техникию иқтисодии амалишавӣ ҳангоми муҳоҷират маслиҳат гиранд; ва (iii) ба таври оҷилӣ ҷуброни арзиши пурраи барқароршавандаи дороиашонро, вобаста ба татбиқи Лоиҳа, гиранд.

## A.9 Принсипҳои Ҳуҷҷати чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират барои ЛМИМУОТ

22. Барои ҳамин Лоиҳа принсипҳои зерин оид ба муҳоҷирати аҳолӣ истифода бурда мешаванд:

a) Интихоби пешакии лоиҳаҳо барои муайян кардани таъсири имрӯза ва оянда ва хатарҳои муҳоҷират аз ноилоҷӣ. Муайян кардани ҳаҷм ва мазмуни нақшаҳо оид ба муҳоҷирати аҳолӣ ба воситаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодии ШЛД, бо дарназардошти таҳлили гендерӣ, аз ҷумла ба таъсир ва хатарҳои муҳоҷират дахлдошта. Омӯзиши чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва кам кардани таъсири муҳоҷират аз ноилоҷӣ бо роҳҳои: (i) ҷорӣ карданиҳамаи беҳбудиҳо дар минтақаҳои фарогиририфташуда; (ii) таъмини истифодабарии технологияи мувофиқ барои кам кардани талабот ба замин ва ҳамин тарз барои пешгирӣ ва кам кардани муҳоҷират аз ноилоҷӣ.

b) Агар имкони пешгирии муҳоҷират, беҳтар кардан ё дар ҳадди камтарин, барқарор кардани воситаҳо барои мавҷудияти ҳамаи ШЛД тавассути (i) стратегияи муҳоҷират аз ҷои заминҳои асосӣ, ва ҳангоми гум кардани замин, аз рӯи имконият, вақте сухан дар бораи ШЛД меравад, китъаҳои асосии мавҷудаи замин; ва ҳангомигум кардани қитъаи замин муҳим (корҳои заминсозӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ барои муайян кардани саҳми замини ба даст овардашудаи ҳар як хонавода ва таъсири имконпазириЛоиҳа барои заминдорӣ ва ба даромади умумии оила равона карда мешаванд); (ii) оҷилан иваз кардани дороиҳо о дастрасӣ ба дороиҳои баробар ё бо арзиши баландтар; ва (iii) оҷилан кардани ҷубронпулӣ то пурра барқарор кардани арзиши дороиҳое, ки барқарор карда намешаванд. Ба ғайр аз ин, дар ҳамкории зич бо ШЛД хизматрасониҳо оид ба расонидани ёрӣ ҷиҳати таъмини воситаҳо барои мавҷудият ва диққати хоса барои таъсири воситаҳ барои мувҷудияти занон, шахсони барҷомонда, пиронсолон, маъюбон ва дигар гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, бо дарназардошти онҳое, ки хеле қашшоқанд,таҳия карда мешаванд.

c) Таъмини он, ки ШЛД и барои истифодаи замин ҳуқуқнадошта ёҳуқуқи ҳамаэътирофкарда барои замин надошта,барои гирифтани кумак ҳангоми муҳоҷират ва ҷубронпулӣ барои аз даст додани дороиҳои замин бо арзиши барқароршаванда.

d) Баланд бардоштани сатҳи зиндагии ашхоси ҷойивазкарда ва дигар гуруҳҳои осебпазир, бо дарназардошти занон.

e) Гузаронидани машваратҳои муфид (намояндагони МТЛ ва шахсони мансабдори мақомоти маҳаллӣ\ҷамоатҳо ва маҳаллаҳо) бо ШЛД, ҷамоаҳои қабулкунанда ва Ташкилоҳои ҷамъиятии ҳавасманд. Огоҳ кардани ҳамаи ШЛД оид ба ҳуқуқҳо ва вариантҳои муҳоҷират. Таъмини иштироки шахсон дар банақшагирӣ, татбиқ, назорати ҷорӣ ва баҳодиҳии барномаҳо оид ба муҳоҷирати аҳолӣ. Зоҳир кардани таваҷҷуҳи ахсус ба гуруҳҳои осебпазир, махсусан ба шахсоне, ки дар ҳоли ниҳоят қашшоқӣ қарор доранд, безаминҳо, пиронсолон, занону кӯдакон, ва шахсоне, ки мақоми ҳуқуқӣ барои истифодабарии замин надоранд ва таъмини иштироки онҳо дар машваратҳо.

f) Ҳамаи зерлоиҳаҳое, ки дар доираи МИМУОТ пешниҳод карда мешаванд, оид ба мавҷудияти таъсироти иҷтимоӣ санҷида мешаванд ва Нақшаи амалии муҳоҷират (НАМ) мақоми ҳуқуқии ШЛД карда, стратегияи барқарор кардани манбаъҳои даромад ва воситаҳо барои мавҷудият, сохтори ташкилӣ, системаи мониторинг ва ҳисобот, буҷет ва ҳисоботдиҳӣ, буҷет ва ҷадвали оҷилии татбиқи фаъолиятро инъикос менамоянд.

g) НАМ дар мувофиқа бо тарафҳои дахлшуда,ки ба он ШЛД, сардорони маҳаллаҳо ва аъзои ҷамоа шомиланд, таҳия карда мешаванд. Лоиҳаи НАМ ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тарҷума шуда, ба ШЛД то пешниҳоди умум гардониданашон, муаррифӣ карда мешаванд. Ба муҳокимаи умум пешниҳод кардани охирин НАМ ва нав кардани онбарои шахсоне, ки лоиҳа дахл кардааст ва дигар ҷонибҳои ҳавасманд дар худ маъракаҳо оид ба боло бурдани маърифатнокии ҷомеъаро барои таъмини он, ки ШЛД пурра бо ҷузъиёти раванди татбиқи НАМ, инчунин оид ба ҷубронпулиҳо ва барқароркуниҳо, ки марбут ба лоиҳа мебошанд, дар бар мегирад ва МТЛ брошюра оид ба огоҳониии ҷомеъа (БОҶ) бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия ва чоп мекунад ва он дар байни ҳамаи ШЛД, ки дар ҳудуди татбиқи зерлоиҳа зиндагӣ доранд, паҳн карда мешавад. Ба таври умум БОҶ дорои инҳо мебошад:

• Маълумоти мухтасар оид ба Лоиҳа, ҷадвали татбиқи он;
•Таъсири муҳоҷират дар доираи лоиҳа, мақоми ҳуқуқӣ ва ҳуқуқҳои ШЛД;
• Сиёсати муҳоҷират ва барқароркунӣ барои намудҳои имконпазири таъсирот;
• Муассисаҳое, ки барои муҳоҷират масъуланд ва чорчӯбаҳои (ҷадвалҳо) муваққатӣ;
• Паҳн кардани маълумот ва машваратҳо барои ШЛД ва ҷонибҳои ҳавасманд;
• Чӣ бояд кард, агар ШЛД ягон савол ва мушкилоте дошта бошанд?
• Баёни мухтасари тартиби баррасии арзу шикоятҳо; ҳамчунин
• Талабот ба мониторинг ва баҳодиҳӣ, ки мониторинги беғараз низ ба он дохил аст;

h) Пардохти ҷубронпулиҳо ва пешниҳоди ҳамаи мақоми ҳуқуқӣ оид ба муҳоҷират пеш аз муҳоҷирати ҷисмонӣ ва иқтисодӣ, пеш аз оғози корҳои сохтмонӣ. Татбиқи НАМ дар таҳти роҳбарии бевосита дар раванди татбиқи пурраи лоиҳа.

i) Ташкили механизми баррасии арзу шикоят ва пешниҳод барои мурољиат ва ҳалли мушкилот ва пурсишҳои ШЛД.

j) Мониторинг ва баҳодиҳии натиҷаҳои муҳоҷират, таъсири он ба сатҳи зиндагии ШЛД, ва муайян кардани сатҳи ноилшавӣ ба мақсадҳои НАМ бо дарназардошти шароити ниҳоӣ ва натиҷаҳои мониторинги муҳоҷирати аҳолӣ. Дастраси омма гардонидани ҳисоботҳо оид ба мониторинг бо баҳисобгирии таъмини махфияти ШЛД. Иштироки ҷамоаҳои маҳаллӣ дар раванди мониторинг аз ҷониби МТЛ ба таври зарурӣ ҳамчун ҷузъи фарҳангӣ дар мувофиқа бо роҳбарони ҷамоаҳои маҳаллӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил карда мешавад.

23. Қайд кардан лозим аст, ки тибқи Дастури Амалиётии БУ (4.12) истилоҳи муҳоҷират маънии бештаре дорад, нисбат ба ҷисман ҷой иваз кардан ва муҳоҷирати ШЛД. Он ҳамчун таъсири иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда мешавад, ки метавонад хусусияти муваққатӣ ва ё доимӣ дошта бошад, ва ҳатман ба гирифтани замин вобаста буда, ба ин ҳолат меоварад: (1) ҷой иваз кардан ва ё аз даст додани манзил\хона; (2) гум кардани дороиҳо ва ё дастрасӣ ба дороиҳо; (3) гум кардани манбаъҳои даромад ё воситаҳои мавҷудият, новобаста аз он ки ШЛД ҷойшонро бояд иваз кунанд ва ё дар маконашон монанд ; ё (4) аз ноилоҷӣ маҳдуд кардани дастрасӣ ба боғҳо ва иншоотҳои муҳофизашавандаи қонунан муайяншуда, ки таъсири номатлуб ба дастрасӣ барои мавҷудияти шахсони кӯчида дорад.

24. Минбаъд бояд қайд кард, ки бе розигии пешакии Бонки Умумиҷаҳонӣ ба матритсаи пешниҳоди ҳуқуқҳо, меъёрҳо, салоҳият доштан, андозаи ҷубронпулӣ ё пешниҳоди ҳуқуқҳои дигар дар доираи ҲЧМ ворид кардани тағйирот мумкин нест. НАМ, ки дар асоси ҲЧМ омода карда мешавад, ҳамчунин бояд пешакӣ Бонки Умумиҷаҳонӣ маъқул намояд.

### А.10 Интихоб ва омодасозии НАМ

25. Баъди анҷом ёфтани лоиҳаҳои ҷузъиии муҳандисӣ, агар зерлоиҳа ба таъсири муҳоҷирати иҷборӣ ишора кунад, зарур аст, ки дар асоси барӯйхатгирии аҳолӣ, шахсоне,ки лоиҳа дахл мекунад (ШЛД) ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодии ШЛД Нақшаи амалии Муҳоҷират таҳия карда шавад. Барӯйхатгирӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодии ШЛД, барои ҳар як зерлоиҳа, ки муҳоҷирати иҷбориро тақозо доранд, гузаронида мешавад, то ки , ҳамин тариқ андозаи муоҷират ва дар оянда гум кардан, муайян кардани гуруҳҳои осебпазир ҷиҳати ёрии мақсаднок, муайян кардани хароҷоти ниҳоӣ барои муҳоҷират ва омода кардани Нақшаи амали оид ба муҳоҷират барои татбиқ, аниқ карда шавад. Интихоби зерлоиҳаҳо, таҳия ва татбиқи НАМ аз ҷониби Маркази татбиқи Лоиҳаи Мустаҳкамгардонии инфрасохтори муҳимтарин ҷиҳати устуворӣ ба офатҳои табиӣ (МИМУОТ) бо дастгирии намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (шаҳр\ноҳия, ҷамоат ва маҳаллаҳо) амлӣ карда мешавад. Мақомоти маҳаллӣ бо одамон робитаи мустақим дошта, ба ҳалли арзу шикоятҳо оид ба масъалаҳои на он қадар калони вобаста ба ҷудо кардани замин ва тақсими ҳуқуқҳо ба он , инчунин масъалаҳои дигари вобаста ба зиндагии ҳаррӯза машғул аст. Оид ба замин ва амволи ғайриманқул мақомоти

маҳаллӣ ҳуқуқ доранд дар ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат кунанд ва қарор қабул намоянд: додани ҳуқуқ ба истифодаи замин ва оид ба ҷудо кардану интихоби қитъаи алтернативии замин барои муҳоҷират. Барӯйхатгирӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ аз ин вазифаҳо иборат мебошанд:

### 1. Интихоби зерлоиҳаҳо

26. Зер лоиҳаҳо аз ҷониби МТЛ тахти нақшаи таъсири иҷтимоию иқтисодӣ, дар асоси ҷузъиёти пешбинигардидаи лоиҳа ва қисматҳои он интихоб карда мешаванд. Андозаи гирифтани замин ва таъсири он ба сохторҳои хусусию ҷамъиятӣ дар рафти интихоб муайян карда мешаванд ва мутаносибан имкониятҳои дигар кардани намуд\дигаркунии лоиҳаҳо барои кам кардани таъсири он муайян карда мешаванд. Дар асоси интихоб ва ягон хел шакливазкунӣ барои кам кардани таъсирот, агр маълум гардад, ки зерлоиҳаҳо муҳоҷирати иҷбориро дар бар мегиранд,зарур аст, ки барӯйхатгирии аҳолӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ гузаронида шавад.

### 2. Барӯйхатгирии аҳолӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ

27. Барӯйхатгирии аҳолӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ бо истифодаи варақаи пурсиши нимсохторӣ барои бақайдгирии маълумот оид ба мавҷудияти истифодабари замини бадастовардашуда, дар асоси мақоми ҳуқуқӣ (заминистифодабарандаи асосӣ ё заминистифодабарандаи дуюмдараҷа), андозаи гирифтани замин, барои беҳтаркунии пешниҳодшаванда зарурӣ бо мақсади : (i) баҳодиҳии бузургии таъсир ба дороиҳои хусусӣ ; ва (ii) баҳодиҳии андозаи ҷисмонӣ ва ё иқтисодии муҳоҷират, инчунин сатҳи зиндагӣ, барӯйхатгирии захираҳо, манбаъҳои даромад, теъдоди аъзои хонавода, тандурустӣ ва санитарӣ, фоидаи чашмдошт ва таъсири зерлоиҳа ва афзал доштани онҳое, ки ба кӯчидан муҳтоҷанд. Маълумоти мазкур барои таҳия кардани Нақшаи амал оид ба муҳоҷират барои сабук кардани таъсироти номатлуб кумак мекунад.

28. Мақсади таҳқиқоти охирини иҷтимоию иқтисодии шахсоне, ки лоиҳа дахл мекунад ба хислатҳои баҳисобгирии иҷтимоию иқтисодии ШЛД вамуқаррар кардани нишондиҳандаҳои мониторинг ва баҳодиҳӣ марбут аст. Нишондиҳандаҳои муҳимтарини иҷтимоию иқтисодӣ ҳангоми мониторинги ваъзи иҷтимоию иқтисодии ШЛД ҳамчун аломат истифода бурда мешаванд. Таҳқиқот ҳамаи ШЛДро фаро мегирад ва он инчунин фарогири маълумот оид ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба баробарҳуқуқии занону мардон (гендер) ҳангоми муҳоҷирати аҳолӣ низ мебошад.

29. Ҳамчун қисми таркибии таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ, бо гурӯҳҳои гуногуни лоиҳа дахлкарда, инчунин дигар шахсони ҳавасманд, бо мақсади донистани фикри онҳо, андешаю афзал донистани онҳо машваратҳои васеъ гузаронида мешаванд. Дар асоси ин машваратҳо лоиҳа тағйир дода мешавад ва аз рӯи зарурат, чорабиниҳое ворид мегарданд, ки таъсиротро сабук кунанд. Ба машваратҳо занон ҷалб карда мешаванд ва тавассути нақшаи амали мавофиқ оид ба кам кардани таъсирот, мушкилот ва ҷавобҳои онҳо, аз ҷумла нисбат ба соҳибмулкии (истифодабарӣ) замин, таъсироти ба таъминот воситаҳои мавҷудият, пешниҳоди ҷубронпулиҳо ва банақшагирии муҳоҷират ба ҳисоб гирифта мешаванд.

### 3. Нақшаи амал оид ба муҳоҷирати аҳолӣ

30. Нақшаи амал оид ба муҳоҷирати аҳолӣ дар асоси далелҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ ва машваратҳо омода карда мешавад. Он далелҳои барӯйхатгирии ШЛД ва мақоми ҳуқуқии онҳоро барои ҷуброн кардани зиён\зарарҳо, хислатҳои иҷтимоию иқтисодии ШЛД, механизмҳои ташкилӣ ва ҷадвали татбиқи фаъолият, буҷетҳо, баҳодиҳиимеханизмҳои амалии барқароркунии манбаъҳои даромад, ҷудо кардани қитъаи замин аз ҳисоби фонди замин вадодани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба заминистифодабарандагон, рушди макони нави зист ва муҳоҷират,механизми баррасии арзу шикоятҳо, ҳамоҳангсозии татбиқи фаъолият оид ба корҳои бинокорӣ ва ҷадвали сохтмон, ва механизми назорати ҷориро дар бар мегирад. Сохтори НАМ дар асоси мутобиқат ба Низомномаи 1 ташкил ёфта, аз рӯи зарурат, вобаста ба бузургӣ ва хислати таъсири лоиҳаҳо, таҳия мегардад.

31. НАМ принсипҳои дар Ҳуҷҷати Чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷирати мазкур нишондодашударо қонеъ мегардонанд, ки барои лоиҳа мутобиқанд. НАМ-и лоиҳаҳо аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ баррасӣ ва тасдиқ карда шуда, ва МТЛ то даъват барои иштирок дар озмунҳо оид ба сохтмон онро қабул мекунад. Ҷудо кардани замин, пардохтҳои ҷубронпулӣ ва пешниҳоди мақоми ҳуқуқӣ то оғози муҳоҷиркунонӣ ва тододани қитъаи замин ба корхонаҳои пудратӣ амалӣ карда мешавад.

## B. АСОСҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ

### B.1 Қонунгузорӣ ва сиёсати истифодашаванда

32. Ҳуҷҷати чорчӯбавӣ оид ба Муҳоҷирати мазкур дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла: (i) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994 (бо тағйироту иловаҳои соли 2003); (ii) Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996 (бо тағйироту иловаҳои соли 2016); и (iii) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998 (бо

тағйироту иловаҳои соли 2007) ва Сиёсати амалии Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба муҳоҷирати иҷбории аҳолӣ (СА 4.12).

## 4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994

33. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати асосии ҳуқуқии кафолатдиҳандаи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба шумор меравад. Дар моддаи 13-и он омадааст: "Замин, сарватҳои зеризамини, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табий моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. ". Дар моддаи 12 омадааст, ки "Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медихад".

Асоси ҳуқуқӣ барои аз ҷониби давлат ва танҳо барои манфиати ҷамъият гирифтани моликияти хусусӣ дар моддаи32 чунин инъикос гардидааст: "… Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраaш давлат гирифта метавонад.".

## 5. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996

34. Кодекси замин ҳуҷҷати асосии ҳуқуқӣ оид ба гирифтани замин мебошад. Он чандин маротиба тағйир ва такмил ёфтааст, ки охирин маротиба соли 2016 буд. Дар моддаи 2 и Кодекси замини ҶТ омадааст, ки замин моликияти хусусӣ намебошад, он моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати шаҳрвандон кафолат медиҳад. Новобаста аз ин, моддаҳои 10-14, Кодекси замини ҶТ ҳуқуқи истифодабарии муҳлатнок, бемуҳлат ва меросии заминро муайян кардааст.

35. Моддаи 24 и Кодекси замини ҶТ ҷудо кардани замини таъиноти кишоварзиро муқаррар намуда,низомеро инъикос намудааст, ки ҳангоми ҷудо кардани ҷои мувофиқ бартарият ба қитъаҳои замине дода мешавад, ки барои истифодаи кишоварзӣ коршоям нестанд. Ҳамин принсип дар моддаи 29 и Кодекси замини ҶТ нишон дода шудааст, ки истифодабарии заминҳои ҳосилхеро бо мақсади ғайрикишоварзӣ манъ менамояд. Ҳамчунин, дар ҳамин модда таъкид шудааст, ки давлат метавонад заминҳои таъиноти кишоварзиро бо мақсадҳои хеле муҳим, бунёди иншооти муҳими давлатӣ ҷудо кунад ва ё мусодира намояд.

36. Ҷуброн барои гирифтани замин ва дигар таъсирот дар партави лоиҳаҳое, ки ифодагари манфиати ҷомеъа мебошанд, ҳамчунин ба воситаи дигар санадҳои ҳуқуқӣ, ки марбут ба гирифтани замин, ҷудо кардани замин ва пардохти ҷубронпулӣ ба манфиати барои таъсири

лоиҳаҳо ба манфиати шаҳрвандон танзим карда мешаванд, инҳо мебошанд: Кодекси замини ҶТ, Кодекси граждании ҶТ ва санадҳои гуногуни меъёрию ҳуқуқӣ. Дар асоси ин қонунҳо, гирифтан\ҷудо кардани заминва муҳоҷирати аҳолӣ ба ин принсипҳои истифодашаванда асос меёбад: (а) заминистифодабарандагон барои барқарор кардани зарар ҳангоми бо мақсадҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ гирифтан ҳуқуқ доранд (Моддаҳои 41,43 КЗ ҶТ); (б) ҳангоми қатъ гаштани ҳуқуқ ба моликият, охирин дар асоси арзиши бозорӣ нархгузорӣ мегардад (Моддаи 265 КГ ҶТ); (в) заминистифодабаранда ё дорандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба замин барои гирифтани огоҳии хаттӣ оид ба гирифтани замин аз ҷониби мақомоти маҳаллии марбут ба замин на дертар аз як сол то оғоз гардидани тартиби гирифтани замин ҳуқуқ дорад. (Моддаи 40, КЗ ҶТ); (г) Агар дар асоси шартномаҳои байналмиллалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қоидаҳои дигар, на қоидаҳое, ки дар Кодекси замини ҶТ мавҷуд аст, қоидаҳои шартномаи байналмиллаӣ истифода бурда мешаванд (Моддаи105, КЗ ҶТ).

37. Моддаи 19 КЗ ҶТ оид ба ҳуқуқи заминистифодабарандагон чунин мегӯяд: дар ҳолати гирифтани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ мутобиқи моддаҳои 41 ва 43 Кодекси мазкур товони зарарро гиранд; заминистифодабаранда метавонад ихтиёран аз ҳуқуқи истифодаи замин даст кашад.

38. Дар ҳолати Лоиҳаи мазкур ин ҳамчун ҷуброн барои расондани зарари доимӣ ба истифодабарии замин вазироатҳои кишоварзӣ, ва мутобиқи бандҳои дигари қонун зарурати ҷубронпулӣ барои истифодабарии муваққатӣ ва дахолат ба сиёсати киштгардони зироати кишоварзӣ барои мақсадҳои сохтмонӣ фаҳмида мешавад.

39. Дар моддаи 41 и КЗҶТ оид ба пардохти маблағи зарар омадааст: Гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ аз заминистифодабарандагон ва ё истифодабарандагони дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташуда вобаста ба замин мумкин аст баъд аз амалҳои зерин анҷом дода шавад:

а) баъди бо хоҳиши онҳо ҷудо кардани қитъаи замини баробарарзиш;

б) дар маҳали нав аз ҷониби шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои онҳо қитъаи замин ҷудо карда мешавад бо тартиби муқарраргардида сохтани манзил, корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар сохтмонҳои аз рӯи таъинот монанд ва баробарарзиш ё ин ки дар шакли пулии арзиши он;

в) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброни ҳаҷми пурраи ҳамаи зарарҳои расонидашуда, ҳамчунин фоидаи аз даст рафта.

Ҳангоми гирифтани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ тамоми зарар бо нархҳои бозорӣ баҳо дода шуда, бо назардошти ҷойгиршавии қитъаи замин ҳисоб карда мешавад ва аз ҷониби шахсоне, ки ба манфиати онҳо замин гирифта мешавад, пардохт мегарданд.

40. Ҳисобу китоби ҷубронпулӣ бинобар ба даст овардани замин дар моддаҳои 43 ва 44 ҷой дода шудааст, ки гуфта мешавад “бояд нархи аслии таҷҳизот ва мавод, инчунин нархи дороиҳо ва дигар корҳо, ки ё ҳангоми ситондани қитъаи замин ё дар лаҳзаи тартиб додани санад оид ба ситондан истифода шаванд. Ҳангоми ҳисоб кардани зарар аз маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, бояд хароҷоти намунавӣ барои азхудкунии замин ва обёрии заминҳои бекор бо мақсади дарёфти сатҳи баландтарини истеҳсоли маҳсулоти заминҳои мусодирашаванда истифода бурда шавад. Баҳсҳо оид ба маблағи ҷуброн барои расонидани зарар\ зиён ва аз даст додани маҳсулоти кишоварзӣ ва ҷангалпарварӣ бо роҳи судӣ ҳал карда мешавад

41. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб дорад, ки субъектҳои талабгори гирифтани замин ба мақомоти салоҳиятдор муроҷиат кунанд. Пеш аз он , ки оид ба ин дархост қарор қабул кунад, мақомоти давлатӣ шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологи, шартҳои банақшагирии шахрҳо, дурнамои истифодабарии қитъаи замини мазкур ва зеризаминиро баррасӣ мекунад.

42. Ҳуҷҷат оид ба ҷуброни зарар\зиёни расондашуда ба заминистифодабарандагон ва талаф додани маҳсулоти кишоварзӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ таҳти рақами 515 аз 30 декабри соли 2000 тартиби мушаххас ва ҷузъии пардохти маблағи зарарро муқаррар кардааст.

Масъалаҳои асосии вобаста ба муҳоҷират аз ноилоҷӣ дар Кодекси замини ҶТ чунин ифода ёфтаанд:

- Ба даст овардани замин барои мақсадҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бояд баъди пешниҳоди қитъаи замини ба ҳамон қитъаи замин баробар анҷом дода шавад.
- Манзилҳои нав, биноҳои тиҷоратӣ ва навъҳои дигари бино, ки бояд мусодира карда шаванд, дар қитъаи замини нав бо тартиби муқарраркардаи қонун сохта шаванд;
- Зараре, ки ҳангоми мусодираи замин ба соҳибмулк расонида мешавад, бояд пурра барқарор карда шавад, ҳатто фоидаи аздастрафта, дар баробари ин зарар\зиён бояд бо нархҳои бозорӣ ҳисобкарда шаванд;
- Сохтмони биноҳо ва ҷуброни зарарҳои расида аз ҷониби ташкилотҳо ва муассисаҳое амалӣ карда мешаванд, ки замин ба фоидаи онҳо ситонида мешавад, яъне манфиат мебинанд (бенефитсиарҳо);
- Дар шароити муътадил раванди ба даст овардани замин наояд аз як соли тақвимӣ зиёд давом кунад.
- Ҷудо кардани қитъаи нави замин , сохтмони биноҳо, ҷуброн кардани маблағи ҳамаи намудҳои зарар, аз ҷумла фоидаи аздастрафта, бояд пеш аз расман аз заминистифодабаранда гирифтани замин амалӣ карда шавад.

43. Андозаи ҷубронпулӣ аз ҷониби гурӯҳ (комиссия) и салоҳиятнок, ки аз ҷониби раиси шаҳр аз ҳисоби намояндагони идораҳои вобаста ба гирифтани замин таъин карда мешавад, муайян карда

мешавад. Муайян кардани зарари за министифодабарандагон ҳангоми гирифтани заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки заминистифодабаранда пешниҳод мекунад амалӣ карда мешавад. Агар оид ба андозаи ҷуброни зарар ва маблағи он, созиш ба вуҷуд наояд, заминистифодабаранда метавонад оид ба пурра барқарор кардани зарари расондашуда ҳангоми аз ўгирифтани замин ба суд мурофиат кунад.

### 6. Сиёсати амалиётии Бонки Умумиҷаҳонӣ (ОП 4.12) оид ба муҳоҷират аз ноилоҷӣ (июли соли 2013)

44. Ҳадафҳои сиёсати Бонки Умумиҷаҳонӣ нисбат ба муҳоҷирати аҳолӣ аз ноилоҷӣ чунинанд: (а) аз рўи имконият лозим аст, ки муҳоҷират рух надиҳад ё то ҳадди имкон кам кардани муҳоҷирати аҳолӣ, бо баррасии ҳамаи роҳҳои имконпазири дигари лоиҳа; (б) агар имкони аз муҳоҷират пешгирӣ кардан набошад, фаъолият оид ба муҳоҷират ҳамчун барномаи дарозмуддати бо таъмин намудани манбаъҳои кофии маблағгузорӣ баррасӣ ва амалӣ карда шавад, то ки шахсони бинобар татбиқи лоиҳа муҳоҷиршуда тавонанд аз лоиҳа фоида бинанд, ШЛД бошанд бояд ба таври самаранок огоҳ карда шаванд ва имкон пайдо кунанд, ки дар банақшагирӣ ва татбиқи муҳоҷирати аҳолӣ иштирок намоянд; ва (в) ба ШЛД оид ба кўшиши онҳо барои дарёфти восита барои зиндагӣ ё, ақаллан, барқарор кардани сатҳи пешинаи зиндагӣ то татбиқи лоиҳа, кадоме аз онҳо бартар ошад, бояд ҳамаҷониба ёрӣ расонда шавад.

### B.2 Муқоисаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати Бонки Умумиҷаҳонӣ

45. Кодекси замини ҶТ мақоми шахсоне, ки ҳуқуқи сервитут барои қитъаи замини мусодирашаванда доранд, муайян намекунад (онҳо расман маблағ намепардозанд). Кодекси замини ҶТ муқаррар мекунад, ки бинобар надоштани ҳуқуқи сервитут, заминистифодабаранда ба қитъаи замини мазкур ҳуқуқ надорад. Ҳамин тариқ, истифодабарии қитъаи замин бе бақайдгирии давлатӣ худи ҳуқуқи сервитут ҳуқуқи қонунӣ муқаррар намекунад. Ин модда уҳдадор набудани соҳибмулк (давлат) ро барои пардохти зарар, ба шахсоне, ки ҳуқуқ ба сервитут ба қитъаи замин надоранд, таъмин мекунад.

Новобаста аз ин, дар сиёсати амалиётии БУ (4.12) ин мақом баръало муайян шудааст. Дар асиси ин сиёсат, шахсоне, ки заминро банд кардаанду заминистифодабаранда эътироф намешаванд, барои гирифтани кумак ҳуқуқ доранд, чунки онҳо ба замини давлатӣ маблағгузорӣ кардаанд, заҳмат ва доройӣ харҷ кардаанд, вале на ҳамчун заминистифодабарандагони ҳаққонӣ.

46. Аз сабаби он, ки САМ БУ 4.12 дар доираи фаъолияте, ки аз ҷониби БУ маблағгузорӣ мегардад, ба мисли лоиҳаи мазкур, бар қонунгузории миллӣ бартарӣ доранд,чунин низом истифода бурда мешавад: Шахсе, ки дар замин ғайриқонунӣ сохтмон кардааст, барои замин

ҷубронпулӣ намегирад, ҷубронпулӣ ба арзиши барқароркунӣ танҳо барои сохтмон мегирад. (яъне барои маблағгузорӣ дар замин ва ба замин).

**1. Давраи мутобиқшавии ашхоси муҳоҷиршуда ба шароит ва муҳити нави зист.**

Сиёсати БУ пешбинӣ менамояд, ки ба шахсони кӯчида ва ҷамоаи онҳо, инчунин ба ҷамоае, ки онҳоро қабул кардааст,саривақт маълумоти зарурӣ пешниҳод карда мешавад. Онҳо ба таври зарурӣ оид ба вариантҳои муҳоҷират маслиҳат карда, барои амалӣ кардан ва назорати фаъолияти муҳоҷират имконият пайдо мекунанд. Дар ҷойҳои нави муҳоҷират ё ҷамоаҳое, ки онҳоро қабул мекунанд, аз рӯи зарурат инфраструктура ва хизматрасонии ҷамъиятӣ барои беҳтар кардан, барқароркунӣ ё нигоҳдошти дастрасӣ ва сатҳи хизматрасонӣ ба шахсони навкӯчида ва ҷонибҳои қабулкунанда пешниҳод карда мешавад. Манбаъҳои ба ҳамин монанд барои ҷуброни зарари дастрасӣ ба манбаъҳои ҷамоавӣ (ба мисли минтақаи моҳидорӣ, чарогоҳ ва ё хӯрок барои чорво) пешниҳод карда мешавад.

Умуман, қонунгузории ҶТ ва сиёсати БУ ҷонибдори пешниҳоди ҷубронпулӣ бо арзиши барқароркунӣ ҳастанд, аммо қонунгузории ҶТ барқарор кардани воситаҳо барои зиндагиро дастгирӣ намекунанд ва амалан ҳалли ин масъала дар чорабиниҳои махсус, ки аз ҷониби шахсоне вогур мегардад, ки манфиати ин ё он лоиҳаро ҷонибдорӣ мекунанд, то ки талаботи донорҳоро қонеъ гардонанд. Барои маълум кардани ин масъалаҳо ва мутобиқ гардонидани фарқият байни қонунгузории ҶТ ва сиёсати БУ, барои Лоиҳаи мазкур ин Ҳуҷҷати чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират таҳия карда шудааст. ҲЧМ ҷуброни зарарро оид ба арзиши барқароршавандаи ҳамаи моддаҳо, кумак ба шахсоне, ки ҳуқуқи қонунӣ барои замин надоранд ва муҳоҷирони ғайрирасмӣ, инчунин барои шахсоне, ки аз соҳибкорӣ маҳрум мешаванд, ҷои корашонро гум мекунанд ё ба гурӯҳи шахсони осебпазир дохил мешаванду эҳтимол кӯчонида шаванд, кумак карда, бо маблағ дастгирӣ эҳтиёҷ доранд, ҷубронпулӣ медиҳад. Ҳар як НАМ, ки барои лоиҳа таҳия карда шудааст, ҳамаи маблағҳои ба чорабиниҳои барқароркунӣ ва ё барқарор кардани маблағҳо барои зиндагиро дар бар мегирад.

47. Ҳолатҳои асосие, ки фарқияти байни қонунгузории ҶТ ва сиёсати БУ, аз инҳо иборат аст:

- ШЛД, новобаста аз мақоми ҳуқуқӣ (заминистифодабарандаи бақайдгирифташуда ё не), барои гирифтани ҷубронпулӣ ҳуқуқ доранд (барои иншоот,зироати кишоварзӣ ва дарахтон) ва андешидани чораҳо барои барқарор кардани ҳуқуқҳо дар доираи лоиҳа. Ба ин ҷо дохиланд: ашхоси безамин, ки заминро истифода мебаранд ва шахсони худсарона истифодабарандаи замин (скваттерҳо);

- ШЛД ва ҶЛД (ҷамъиятҳои лоиҳа дахлкарда) аз рӯи имкониятҳои эҳтимолӣ ва таъсиррасӣ ҳангоми гирифтани замин ва муҳоҷирати маҷбурӣ, пеш аз муҳоҷират, ҳангоми муҳоҷират ва баъди муҳоҷират маслиҳат мегиранд;
- Агар ҷуброни "замин бар ивази замин" бинобар сабабҳои техникӣ ва ё иҷтимоӣ амалӣ карда нашавад, ҷубронпулӣ бо арзиши пурра ва бо нархҳои бозорӣ ба таври нақд пардохт мешавад;
- Ҷуброни дигар моддаҳо\дороиҳои дахлгардида (иншоот, зироати кишоварзӣ, дарахтон, инчунин гум кардани фаъолити соҳибкорӣ\ манбаи даромад) тибқи матритсаи пешниҳоди ҳуқуқҳо сурат мегирад. ШЛД-и осебпазир барои чорабиниҳои иловагӣ (кӯмаки якдафъаина, имтиёз барои қабул ба кори вобаста ба лоиҳа ва ғайр) ҳуқуқ доранд;
- Кӯмаки барқароркунӣ барои муваққатан гум кардани замин\дороиҳо, муваққатан маҳдуд шудани дастрасӣ ба замин\дороиҳо ё муваққатан маҳрум шудан аз даромад, пешниҳод карда мешавад;
- Барқароркунии иншоотҳои мавҷуда ё таъмири онҳо имкон медиҳад, ки то ҳадди имкон талаботро барои ба даст овардани замин кам мекунад ва ё умуман барои гирифтани замин зарурат намонад. Ва
- Ҳуҷҷати чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират принсипҳои роҳбарикунандаеро дар бар мегирад, ки барои таҳия намудани чорабиниҳо оид ба сабук кардани оқибатҳо ва ҷуброн зарар аз гирифтани замин, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳа ба вуҷуд меоянду , ҷойи аниқи онҳо ҳанӯз маълум нестанд ва талаб мекунанд, ки НАМ ҳамаи хароҷоти вобаста ба татбиқи лоиҳа ва ҷуброни зарарроро дар бар гирифта бошанд.

48. Дар ҳолати фарқияти қонунгузории ҶТ ва талаботи БУ оид ба муҳоҷирати маҷбурии аҳолӣ (СА 4.12) принсипҳо ва сиёсати БУ қабул карда мешавад. Ин ҳолат баъди қабули ҲЧМ аз ҷониби тарафҳои манфиатдор баъди онро тасдиқ кардани Ҳукумати ҶТ ва БУ ҳатмӣ дониста мешавад.

## C. МЕЪЁРҲОИ САЛОҲИЯТ ВА ТАРТИБҲО БАРОИ АШХОСИ ГУРӮҲҲОИ ГУНОГУНИ ДАХЛКАРДАИ ЛОИҲА

49. Ин боб меъёрҳои салоҳиятеро баён менамояд, ки киҳо барои муҳоҷират ҳуқуқ ва имтиёз доранд ва рад кардани эътирози шахсони ҳуқуқнадошта.

50. Аз маълумоти оморӣ бармеояд, ки ноҳияҳои таҳқиқшудаи ВМКБ (Рӯшон, Ванҷ) аз ҷиҳати масоҳат ноҳияҳои калонтарин ба шумор меравинд. Дар ин ноҳияҳо зичии аҳолӣ аз ҳама кам аст: Ванҷ- 3,4 нафар/км² и Рӯшон - 4,2 нафар/км². Зичии нисбатан зиёди аҳолӣ дар навоҳии таҳқиқшудаи вилояти Хатлон ба назар мерасад. Масалан, дар шаҳри Кӯлоб ва ҷамоатҳои деҳоти он зичии аҳолӣ 167 наф./км², дар н. Восеъ – 262 наф./км², дар Қубодиён – 94,3 наф./км² ва дар н. Шаҳритӯс – 78,3 наф./км² рост меояд. Дар навоҳии ВМКБ (Ванҷ, Рӯшон) қариб ҳамаи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад. Сатҳи нисбатан зиёди аҳолии шаҳрнишин дар шаҳри Кӯлоби

вилояти Хатлон (51%) ба назар мерасад. Дар навоҳии Қубодиён ва Шаҳритӯс бошад зиёда аз 90% аҳолӣ дар деҳот истиқомат дорад. Аз назари этникӣ дар ноҳияҳои Ванҷ ва Рӯшони ВМКБ асосан тоҷикон зиндагӣ доранд. Дар шаҳри Кӯлоб тоҷикон 96%, Восеъ-88% ро ташкил медиҳанд. Дар ноҳияҳои Қубодиён ва Шаҳритӯс баъди тоҷикон дар ҷои дуюм узбекҳо қарор доранд (Қубодиён-42,2%, Шаҳритӯс-37%).

**C.1 Принсипҳо**

51. Маҷбуран гирифтани замин ба муҳоҷират ба гум кардани хона\манзил меоварад; аз даст додани дороиҳо ё гум кардани дастрасӣ ба дороиҳо ё гум кардани манбаъҳои даромад ё ба воситаҳои зиндагӣ; новобаста аз он, ки ШЛД ба ҷои дигар мекӯчанд ё не. Машваратҳои судманд бо ШЛД, Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҷамъиятии худидораи маҳаллӣ ва роҳбарони ҷамоаҳои маҳаллӣ имкон медиҳанд, ки меъёрҳое муқаррар карда шаванд, ки ба воситаи онҳо шахсони кӯчида барои гирифтани ҷубронпулӣ ҳуқуқ пайдо намоянд ва ҳангоми муҳоҷират\ҷойивазкунӣ аз дигар кумакҳо бархурдор бшанд. СА БУ 4.12 барои салоҳият се меъёри зеринро пешниҳод мекунад:

a) Шахсоне, ки барои гирифтани замин (бо дарназардошти ҳуқуқҳои анъанавӣ, ҳуқуқҳои оддии анъанавию динӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро расман эътироф кардааст) ҳуқуқ доранд;
b) Шахсоне, ки дар лаҳзаи барӯйхатгирии аҳолӣ расман ҳуқуқ надоранд, аммо барои гирифтани ҳамин хел қитъаи замин ё дорой даъво доранд, бо шарти дар доираи қонунгузории ҶТ ё дар натиҷаи раванди ҲЧМ\НАМ эътироф карда шуда бошанд. Ва
c) Шахсоне, ки расман ҳуқуқашон ё даъвояшон дар доираи қонун эътироф нашудаасту то иваз шудани мақоми ҳуқуқӣ аз ҳисоби истифода бурдани замин зиндагӣ мекунанд.

52. Шахсони ба гурӯҳҳои 1 ва 2 шомилгардида барои замине, ки онҳо аз даст медиҳанд, дар асоси ҳамин ҲЧМ чубронпулӣ ва дигар кӯмакҳо мегиранд.

53. Шахсоне, ки ба гурӯҳи сеюм дохиланд ба ҷои чубронпулӣ барои замине, ки истифода мебаранд, дар асоси ҳамин ҲЧМ, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони лоиҳа дахлкарда, ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ муқаррар карда шуда, қобили қабули Ҳукумати ҶТ ва БУ мебошанд, кӯмакпулӣ ва аз рӯи зарурат дигар ёрӣ мегиранд, агар онҳо то оғози татбиқи лоиҳа ё худ ивазшавии мақоми ҳуқуқии он минтақаи татбиқи лоиҳаро ишғол карда бошанд.

54. Ҳамаи шахсони дар бандҳои 1,2 ё 3 и дар боло зикргардида барои аз даст додани дороиашон ҷубронпулӣ мегиранд, на замин. Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки ҳамаи ШЛД новобаста аз мақом, новобаста аз будан ё набудани мақоми расмӣ, ҳуқуқҳои қонунӣ, скваттерҳо (худсарона

истифодабарандагони замин) ва дигар шахсон, агар онҳо то дигар шудани мақоми ҳуқуқӣ заминро банд карда бошанд ё истифода баранд, барои гирифтани баъзе кӯмакҳо ҳуқуқ доранд.

55. Шахсоне, ки баъди дигар шудани мақоми ҳуқуқӣ заминро банд карда бошанд ё онро худсарона истифода баранд, ҳангоми кӯчондан ягон хел ҷубронпулӣ ва кӯмак намегиранд.

**C.2 Меъёрҳои салоҳият ва пешниҳоди ҳуқуқҳо**

56. ҲЧМ ҳуқуқ доштан ва ҳолатҳоро барои гирифтани ҷубронпулӣ барои ҳамаи навъҳои зарар (замин, ҳосил\дарахтон, сохторҳо, корхона\корҳо, рӯзҳои корӣ\музди кор) нишон медиҳад. Ҳамаи ШЛД, бо дарназардошти шахсони беҳуқуқ ё шахсони ғайрирасмӣ ҷойгирифта, барои аз даст додани дороиҳо (ҳосил, сохторҳо, дарахтон ё аз даст додани корхонаҳо) ҷубронпулӣ мегиранд: (i) ҷубронпулӣ (аз рӯи зарурат бо арзиши барқароршаванда), ва / ё (ii) бар ивази қитъаи замин қитъаи замин, сохторҳо, ниҳолҳо, кӯмаки дигар ҳангоми кӯчидан, масалан, кӯмакпулӣ барои дастгирӣ дар давраи аввал, кӯмак барои азнавсозии сохторҳо, ҷубронпулӣ барои аз даст додани соатҳои корӣ\даромад.

57. Меъёрҳои салоҳият ба ШЛД -е асос меёбад, ки ба яке аз ин гурӯҳҳо шомиланд: (a) шахсоне, ки мақоми ҳуқуқӣ ё расман ҳуқуқи қонунӣ ба замин доранд ; (b) шахсоне, ки ҳуқуқи қонунӣ дар лаҳзаи оғози барӯйхатгирӣ надоранд, аммо барои замин ё дороӣ даъво доранд, ба шарте ки даъвои онҷо дар доираи цонунгузории ҶТ ё тавассути раванди дар НАМ муайянгардида эътироф карда мешаванд; ва (c) шахсоне, ки ба қитъаи замини ишғолкардаашон ҳуқуқи қонунӣ ва ё даъво надоранд (яъне шахсони бе мақоми ҳуқуқи ё шахсони ғайрирасмӣ зиминро ишғолкарда).

58. ШЛД, ки дар доираи ин лоиҳа барои ҷубронпулӣ ҳуқуқ доранд:

- Шахсоне, ки сохторҳояшон қисман ё пурра, муваққатан ё доимӣ аз ҷониби Лоиҳа дахл карда мешавад;
- Шахсоне, ки бинои истиқоматӣ ё ғайриистиқоматӣ\тиҷоратӣ ё замини кишоварзӣ (ё замини дигари ҳосилдеҳ), қисман ё пурра аз ҷониби Лоиҳа фаро гирифта мешавад;
- Шахсоне, ки ба корхонаашон қисман ё пурра (муваққатан ё доимӣ) лоиҳа дахл мекунад;
- Шахсоне, ки корашон ё меҳнати кирояашон ё созишномаашон оид ба саҳмкорӣ муваққатан ё пурра аз ҷониби Лоиҳа дахл карда шудааст;
- Шахсоне, ки ҳосилашон (зироатҳои яксола ё бисёрсола) ва ё дарахтон аз ҷониби Лоиҳа қисман ё пурра дахл карда шудааст;
- Шахсоне, ки дастрасиашон ба манбаъҳо ё дороиҳои ҷамоъа қисман ё пурра дахл карда шудааст;

59. Натиҷаҳои баҳодиҳии иҷтимоии дар навоҳии фарогири Лоиҳа гузаронидашуда, ба он далолат мекунанд, ки дар ин ноҳияҳо замини корам барои кишти зироатҳои кишоварзӣ намерасад. Ин гувоҳи он аст, ки дарёфти замин вазифаи содда нест, аз ин лиҳоз Лоиҳа барои кам кардани дарёфти замин кӯшиш менамояд. Вақте ки замин гирифта мешавад (дорандаи мақоми ҳуқуқӣ ё ШЛД, ки метавонад ин ҳуқуқро қонунӣ гардонад), шахс барои замине, ки Лоиҳа аз ӯ меситонад, бо нархҳои барқароршаванда ҷубронпулӣ мегирад, ё бо нархҳои барқароршавандапули накд мегирад ё бар ивази замин (аз рӯи масоҳат ё сатҳи ҳосилхезӣ баробар, бо хоҳиши ШЛД) мегирад. ШЛД е, ки мақоми ҳуқуқӣ надоранд, ба гирифтани ҷубронпулӣ барои замин ҳуқуқ надоранд, вале барои дороиҳо, ки ба замин вобаста карда шудаанд бар ивази ҷуброни замин кумакпулиҳо ва дигар ёрӣ мегиранд.

60. Хонаводаҳое, ки занони танҳо сарварӣ мекунанлу дар онҳо хӯрандаҳо ҳастанд ва дигар хонаводаҳои осебпазир барои гирифтани ёрии минбаъда то пурра сабук кардани таъсири лоиҳа ҳуқуқ доранд. Ҷадвали 5.1, ки дар поён оварда шудааст, матритсаи пешниҳоди ҳуқуқҳоро дар Лоиҳа ҳангоми зарарҳои имконпазир нишон медиҳад:

61. Салоҳияти гирифтани ҷубронпулӣ то санаи иваз шудани мақоми ҳуқуқӣ, ки барои ҳар як зерлоиҳа муқаррар карда шудааст, маҳдуд мегардад. ШЛД е, ки баъди дигар шудани мақоми ҳуқуқӣ дар минтақаҳои татбиқи Лоиҳа ҷойгир мешаванд, барои гирифтани ҷубронпулӣ ҳуқуқ надоранд. Новобаста аз ин, ба онҳо то санаи нишондодашуда огоҳинома равон карда мешавад, ки дар он хоҳиш карда мешавад, то онҳо бинои ишғолкардаашонро тарк кунанд ва то татбиқи Лоиҳа сохторҳои дахлкардаи лоиҳаро бигиранд. Сохторҳои онҳо ғундошта бар ихтиёрашон гузошта мешавад ва онҳо ягон хел ҷарима намесупоранд.

***Ҷадвали С-1: Матритсаи пешниҳоди ҳуқуқҳо: ШЛД салоҳиятдор, дороиҳо ва баҳодиҳии ҷубронпулӣ\нишондоди роҳнамо***

| Таъсири Лоиҳа | Дараҷаи ШЛД | Дороиҳои лоиҳа дахлкарда | Роҳнамо барои ҷубронпулӣ |
|---|---|---|---|
| Замини[2] доимӣ ба даст овардашуда барои истеҳсоли корҳо ё сохтмон | Заминистифодабарандаи асосӣ | Замин | Иваз кардани қитъаи замин бо замини баробарарзиши бозорӣ, ҳамчун варианти бартариятнок дар ҳудуди 3 км.<br><br>Дар ҳолати набудани замин ҷуброни пулӣ бо арзиши барқароршаванда. Агар зиёда аз 10% замин ба даст оварда шавад, ба ваври илова 5% арзиши барқароршаванда (зиёдшавӣ то 10%, агар зиёда аз 20%) барои таъсири ҷиддӣ ҳамчун кӯмак дода мешавад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | Агар қисмати боқимондаи қитъа аз назари иқтисодӣ фоидаовар набошад, ҳамаи қитъа харида мешавад. |
| Замини муваққатан барои оғози корҳо ё сохтмон гирифташуда | Заминистифодабарандаи асосӣ | Замин | Арзиши иҷоравии замин бо нархҳои бозорӣ ва барқарор кардани замин бо ҳамаи дороиҳояш то мақоми пешина. |
| Замини барои оғози корҳо ё сохтмон муваққатан гирифташуда | Истифодабаранда\ шахси бе сертификат заминро бандкарда | Замин | Барқароркунӣ, иваз кардан ё ҷуброн кардани ҳамаи дороиҳои зарардида ё вайроншуда. Ҳангоми аз даст додани даромад, кӯмакпулӣ барои ба вуҷуд овардани нороҳатӣ дар асоси музди камтарини маош барои ҳар ҳафта (7 рӯз)-и нороҳат кардан, ки дар асоси баробар ҳисоб карда шудааст.<br>Агар муваққатан гирифтани замин ба доимӣ табдил ёбад, он гоҳ ҳуқуқҳои дар давраи муваққатӣ ҳисобкардашуда додашуда бозпас гирифта намешавад. |
| Ба таври ҳамешагӣ гирифтани замин барои оғози корҳо ё сохтмон | Иҷоракор ё чоряккор | Замин | Бар иловаи ҷубронпулии заминистифодабаранда, барқарор кардани маблағи иҷора барои қисмати боқимондаи давраи шартномавӣ, ҷамъи 3 моҳи иҷора ё саҳми 3 моҳа дар ҳосил бо нархҳои бозорӣ ҳамчун кӯмак барои нороҳат кардан<br>Ба ғайр аз ин, ҷиҳати дарёфти замини иҷора\чоряккорӣ ёрӣ расонида мешавад. |
| Ба таври ҳамешагӣ гирифтани замин барои оғози корҳо ё сохтмон | Истифодабаранда\ шахси бе сертификат заминро бандкарда | Замин | Ҷубронпулӣ баробари маблағи 2 моҳаи иҷора\ фоида ё даромад аз иҷораи замин ҳамчун кӯмак барои нороҳат кардан |
| Ба таври ҳамешагӣ гирифтани замин барои оғози корҳо ё сохтмон | Заминистифодабарандаи асосӣ | Зироати кишоварзӣ | Ба ғайр аз ҷубронпулии замин, ба фермер иҷозат дода мешавад, ки ҳосилро пурра ғундорад, ва ба ӯ ҷубронпулӣ барои ҳосили ду мавсим ё ҳосили солонаи зироати кишоварзӣ вобаста аз навъи зироат, дода мешавад. |
| Ба таври ҳамешагӣ гирифтани замин барои оғози корҳо ё сохтмон | Фермер-иҷоракор, чоряккор ё заминистифодабарандаи ғайрирасмӣ\ | Зироати кишоварзӣ | Пурра ғундоштани ҳосил ва ҷубронпулӣ барои ҳосили ду мавсим ё ҳосили солонаи зироати кишоварзӣ, вобаста аз навъи зироат, дода мешавад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | шахси заминро бандкарда | | |
| Ба таври ҳамешагӣ гирифтани замин барои оғози корҳо ё сохтмон | Соҳиб\доранда | Фаъолияти соҳибкорӣ | Бар иловаи ҷуброн барои замин, соҳибмулк баробари даромади солонааш ҷуброни пулӣ мегирад, ки дар асоси даромади миёнаи шабонарӯзӣ\моҳона ҳисоб карда шудааст. Ба ғайр аз ин, ба ӯ маблағи иловагӣ баробари даромади семоҳа барои оғози корҳо дар ҷои нав дода мешавад. |
| Ба таври ҳамешагӣ гирифтани замин барои оғози корҳо ё сохтмон | Иҷоракор | Фаъолияти соҳибкорӣ | Ба иҷоракор маблағи боқимондаи иҷораи дар шартнома нишондодашуда дода мешавад. Ба ғайр аз ин, ба ӯ маблағи иловагӣ баробари даромади семоҳа барои оғози корҳои соҳибкорӣ дар ҷои нав дода мешавад. |
| Замини барои оғози корҳо ё сохтмон муваққатан гирифташуда | Соҳиб\доранда | Фаъолияти соҳибкорӣ | Арзиши иҷоравии замин, ки бо нархҳои бозорӣ асос ёфтааст ва барқарор кардани замин ва ҳамаи дороиҳои он то мақоми пешина. Ба ғайр аз ин, ба соҳибмулк маблағ барои аз даст додани даромад дар давраи қатъ гаштани соҳибкориаш, ки аз рӯи даромади миёнаи шабонарӯзӣ\моҳона ҳисоб карда шудааст, дода мешавад. |
| Замини барои оғози корҳо ё сохтмон муваққатан гирифташуда | Иҷоракор | Фаъолияти соҳибкорӣ | Бар замми барқарор кардани маблағи иҷора дар давоми давраи гузариш, ба иҷоракор маблағ барои аз даст додани даромад барои давраи қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси даромади миёнаи шабонарӯзӣ\моҳона ҳисобкардашуда дода мешавад. |
| Истифодабарандагони моликияти ҷамъиятӣ, масалан чарогоҳ | Истифодабаранда | Чарогоҳ | Чаронидани чорво мумкин аст давом дода шавад. Таъсир ба чарогоҳҳо намерасад. |
| Нобуд кардани дарахтони боровар (дарахти камолёфта) | Соҳиб\доранда | Дарахти боровар | Пурра гирифтани ҳосил то реша иҷозат дода шудааст. Арзиши ниҳол ва хароҷоти ба он вобаста (нурӣ, об, қувваи корӣ) ва ҷубронпулӣ барои |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | ҳосили дарахти баркамол, зарби теъдоди солҳои бакамолрасӣ. |
| Соҳиби дарахте, ки барои тиҷорат истифода мешавад. | Соҳиб\доранда | Дарахтоне, ки бо мақсади тиҷорат истифода мешаванд | Арзиши ниҳол ва ҷубронпулӣ бо нархҳои бозорӣ барои дарахте, ки бо мақсади тиҷорат истифода мешавад. Ҳамаи хароҷоти вобаста ба шинонидани ниҳол дар қитъаи нав. |
| Ба таври доимӣ гирифтани корхона | Соҳиби корхона | Ҳама гуна иншоот, дорои бино, хона, қитъаи замин\бе қитъаи замин | Дар ҳолати аз даст додани корхона, ҷубронпулӣ баробари фоидаи софи давраи нороҳат кардан (камтар аз 12 моҳ) мебошад. Даромад аз рӯи декларатсияи андозсупорӣ ё дар ҳолати набудани он аз рӯи музди миёнаи меҳнати расмӣ, ки ба 12 зарб карда шудааст, ҳисоб карда мешавад. |
| Муваққатан гирифтани корхона | Соҳиби корхона | Ҳама гуна иншоот, дорои бино, хона, қитъаи замин\бе қитъаи замин | Ҷубронпулии якдафъаина барои мусоидат кардан ҷиҳати барқарор кардани фаъолияти корхона. |
| Ба таври доимӣ гирифтани иншооти қонунӣ. | Соҳиби иншоот | Ҳама гуна иншоот, ки дорои хона, девор ё ҳоҷатхона ва ба ҳамин монанд мебошад. | Иваз кардани иншоот ё ҷубронпулӣ бо арзиши барқарор кардани иншооти нав ҷамъи ҷуброни пурраи ҳамаи пардохтҳо, ки барои ба қонун мутобиқ кардани иншооти нав заруранд. Маблағи ҷуброн барои иншоот\биноҳои зарардида бояд пурра пардохт карда шавад. Маводҳои боқимондаи коршоям дар ихтиёри ШЛД мемонад. Арзиши ин мавод аз ҷубронпулии пардохтгардида ситонида намешавад. |
| Ба таври доимӣ гирифтани иншооти ғайриқонунӣ. | Соҳиби иншоот | Ҳама гуна иншоот, ки дорои хона, девор ё ҳоҷатхона ва ба ҳамин монанд мебошад. | Иваз кардани иншоот ё ҷубронпулӣ бо арзиши барқароршавандаи иншоот. Маблағи ҷуброн барои иншоот\биноҳои зарардида бояд пурра пардохт карда шавад. Маводҳои боқимондаи коршоям дар ихтиёри ШЛД мемонад. Арзиши ин мавод |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | аз ҷубронпулии пардохтгардида ситонида намешавад. |
| Муваққатан гирифтани иншооти қонунӣ | Соҳиби иншоот | Ҳама гуна иншоот, ки дорои хона, девор ё ҳоҷатхона ва ба ҳамин монанд мебошад. | Иншоот то ҳолати аввала барқарор карда мешавад. Дар ҳолати нороҳат кардан, иншооти муваққатан ивазкунанда барои хизматрасонӣ ба шахсони дахлшуда сохта мешавад. |
| Муваққатан гирифтани иншооти ғайриқонунӣ | Соҳиби иншоот | Ҳама гуна иншоот, ки дорои хона, девор ё ҳоҷатхона ва ба ҳамин монанд мебошад. | Иншоот то ба ҳолати аввалааш барқарор карда шуда, барои қонунӣ гардонидани он роҳҳои алтернативӣ пешниҳод мегардад. Дар ҳолати нороҳат кардан, иншооти муваққатан ивазкунанда барои хизматрасонӣ ба шахсони дахлшуда сохта мешавад. |
| Одамони осебпазир | Дар асоси таҳқиқоти иктисодию ичтимоӣ ва меъёрҳои таҳияшуда, ба монанди сатҳи даромаднокӣ, маъюбият, андозаи хонавода ва ғайра, муайян карда мешавад. Ба шахсони осебпазир инҳо метавонанд дохил шаванд: маъюбон, нафақахӯрон, беваҳо,хонаводаҳое, ки занон сарваранд, оилаҳои қашшоқ, танҳо дар ҳолати инҳоро ба қатори осебпазирон дохил кардани лоиҳа. | | Бар замми ҷубронпулӣ барои дороиҳои нобудгардида вобаста аз таъсирот мумкин аст кӯмаки якдафъаина ба андозаи музди миёнаи солона дода шавад. Ҳар гуна таъсироти дигаре, ки бояд ҷуброн карда шавад, масалан, барои кӯчидан таъмин кардан бо мавод ва техника ва метавонад кӯмак барои барқарор кардани воситаҳои зиндагӣ лозим шавад. Дар ҳолати иваз кардани иқоматгоҳ ё иншоот барои маъюбон ва пиронсолон, МТЛ дар доираи имконпазир дастрасӣ ва мутобиқшавии талаботи онҳоро дар манзили нав таъмин менамояд. |

### С.3 Зергурӯҳҳои осебпазир

62. Бо мақсади муайян кардани талабот ва расонидани кӯмак ба қадри кофӣ диққати хоса барои дарёфти ШЛД равона карда мешавад, ки мансуб ба гурӯҳҳои осебпазиранд, аз ҷумла шахсони

безамин, хонаводаҳое, ки занон сарварӣ мекунанд, хонаводаҳое, ки ятимон иқомат доранд, пирони танҳо, бемороне, ки сарвари оилаанд. Осебпазирӣ дар сатҳи хонавода муайян карда мешавад ва он дар заминаи осебпазирии иқтисодӣ (масалан, деҳқоне заминашро аз даст додааст, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол мекарду манбаи даромадаш буд) ё осебпазирии иҷтимоӣ (масалан, шахсони куҳансол, маъюбон ва ё бекорон) ё дорои ҳамаи ин нишонаҳо баррасӣ мегардад. Таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ барои ҳар як НАМ хонаводаҳоеро, ки дар зери таъсири лоиҳа осебпазиранд, равшан муайян карда, ҳамаҷониба асоснок намуда, таъсири лоиҳаро баён менамояд ва осебпазир будани онро хулосаи мантиқӣ медиҳад.

НАМ характери таъсирот, осебпазирӣ ва ҳолатҳои ҷузъии ба хонавода аз ҷониби лоиҳа пешниҳодшавандаро, ки мушаххасан барои талаботи шахсӣ ва маҳдудиятҳои он мутобиқанд, муфассал инъикос менамояд. Ҳамаи хонаводаҳои осебпазир ба рӯйхати назорати ҷорӣ дохил карда мешаванд, вохӯриҳои оянда бошанд на дертар аз як сол баъд аз анҷоми муҳоҷират, гузаронида мешаванд. Дар ҳамин ҳалқа, бартарият ба арзу шикоят ва пешниҳодоти хонаводаҳои осебпазир дода мешавад ва ба онҳо аз ҷониби намояндагони МТЛ барои қонеъ гардонидани талаботашон вобаста ба муҳоҷират ёрӣ расонида мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти иҷтимоӣ, ки барои лоиҳа гузаронида шуда буд, нишон медиҳанд, ки даромади асосии занон дар минтақаи татбиқи лоиҳа асосан ба соҳаи кишоварзӣ ва савдо вобаста мебошад. Лоиҳа бештар бар он диққат медиҳад, ки занон барои воситаҳои зиндагӣ ва фаъолияташон ҷубронпулӣ гиранд. Заноне, ки сарвари хонавода ҳастанд ва иштирокчии муҳоҷирати маҷбурӣ мебошанд, бояд дар навбати аввал ҳумчун манфиатбарандаи ҷубронпулӣ ва барқароршаванда ба рӯйхат дохил карда шаванд. Барои таъмини натиҷаҳои дар бло нишондодашуда бояд инҳо ба эътибор гирифта шаванд:

- Дохил кардани занон ба сифати бақайдгирандаи оқибатҳои таъсироти зерлоиҳа ;
- Гузаронидани барӯйхатгирӣ бо нишон додани ҷинсият, бо мақсади дарёфт ва муайян кардани теъдоди заноне, ки шояд зерлоиҳаҳо ба онҳо дахл кунанд ва баҳо додани шароити зидагии онҳо (бо дарназардошти таъсироти вобаста ба воситаҳои зиндагӣ) то давраи татбиқи Лоиҳа;
- Ба сифати иштирокчиёни асосии раванди машваратҳо дохил кардани занон ва дар доираи ҳамин раванд бо онҳо гузаронидани вохӯрию сӯҳбатҳои алоҳида. Истифодабарии стратегияи иштирок\машварат, ки иштироки занон ва хонаводаҳоро дар раванди банақшагирӣ ва амалӣ кардани муҳоҷират ҳавасманд мегардонад. Диққати хоса ба масъалаҳо, дархостҳо ва арзу шикиятҳои аз тарафи занҳо ё оилаҳои осебпазир воридгардида равона мегардад, ки ба онҳо ҷавоби лозимӣ бояд дод.
- Вобаста ба дастрас гардидани замин ва муҳоҷират дар доираи мониторингва баҳодиҳии НАМ муайян кардани таъсиррасонӣ ба занон.

- Бо мақсади бунёди имкониятҳои нав барои дарёфти кор (шуғл) барои занон ва хонаводаҳои осебпазир ташкил кардани курсҳои омӯзишӣ (тренингҳо).
- Бақайдгирии якҷояи ҳуқуқҳо барои истифодабарии заминҳо ба номи шавҳар ва замн дар ҳолатҳое, ки ба хонавода алтернативаи замини кишоварзӣ ва ё қитъаи замин барои сохтмони манзил тақсим карда мешавад.
- Таъмини дастрасӣ барои занон ва хонаводаҳои осебпазир имконияти ба кордаройӣ, вобаста ба лоиҳа (МТЛ, мақомоти маҳаллии ҳокимият ва пудратчиён ҳамоҳангсозиро таъмин карда, квотаи қобили қабул муқаррар мекунанд). ва
- Ҷалб кардани занон-хизматчиёни давлатӣ барои ҳамоҳангсозии кумитаҳои мусоидат барои таҳия ва амалӣ кардани НАМ.

### C.4 Методҳои муайян кардани санаи иваз шудани мақоми ҳуқуқӣ

63. Баъди таҳияи нақшаи фаъолият ва ба анҷом расидани тартиби ҳуқуқӣ, НАЛ барои ин фаъолият таҳия карда мешавад. Ҳамчун қисми НАЛ барои муайян кардани ҳамаи ШЛД ва сатҳи мувофиқи таъсирот, барӯйхатгирии аҳолӣ гузаронида мешавад. Рӯзи оғози барӯйхатгирии аҳолӣ, ин санаи иваз шудани мақоми ҳуқуқӣ барои гирифтани ҳуқуқ ба муҳоҷират ва ҷубронпулӣ дониста мешавад. Ҳамин тариқ, ин лаҳзаи асосӣ аст, ки бояд дар бораи ин сана ҳамаи ШЛД-и эҳтимолӣ дар минтақаи фарогири лоиҳа огоҳ карда шаванд, то ки ин одамон барои иштирок кардан дар рӯзи барӯйхатгирӣ вақти кофӣ дошта бошанд.

64. Ин робита тавассути намояндагони ҷамоатҳо, маҳаллаҳо ва МТЛ, дар асоси тартиботи машваратӣ, ки дар ин ҳуҷҷат инъикос гардидааст, амалӣ карда мешавад. ШЛД-и эҳтимолӣ ба воситаи огоҳномаи расмӣ ба таври хаттӣ ва бо ёрии огоҳкунии даҳонӣ, тавассути иштироки сарварони ҷамоаҳои маҳаллӣ ё намояндагони онҳо, хабардор карда мешаванд.

## D. ЧОРАҲО ВА ТАРТИБИ АМАЛИСОЗИИ ҲЧМ ва НАМ

### D.1 Шарҳи мухтасар

65. Ҳамоҳангсоҳии умуми Лоиҳа аз ҷониби МТЛ амалӣ карда мешавад, ки он ҳамаи корҳои вобаста ба банақшагирии муҳоҷират ва ҳамоҳангсозӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимиятро вобаста ба ҳамаи масъалаҳои ҷубронпулӣ назорат менамояд. Бо дарназардошти он, ки ҷои ҷойгиршавии лоиҳа дар деҳот аст, МТЛ бо намояндагони ҳокимияти маҳаллӣ, ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои дахлкардаи лоиҳа ҳамкорӣ мекунад.

66. Чорабиниҳо оид ба татбиқи ҲЧМ ба инҳо такя мекунад:

- Татбиқи чорабиниҳо барои "Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати таъмини устуворӣ бар офатҳои табиӣ"; ва
- Чорабиниҳо оид ба амалисозии муҳоҷират ва пардохти ҷубронпулӣ тибқи қонунҳои амалкунандаи ҶТ, ки дар ин ҳуҷҷат инъикос гардидаанд.

67. Зарур аст, ки одамони дар ду давра барои амалисозии муҳоҷират ва пардохти ҷубронпулӣ ҷалбгардида, ба ҳисоб гирифта шаванд. Дар ин қисмат чорабиниҳои оптималие инъикос ёфтаанд, ки ба вазифаҳои мавҷуда такя мекунанд, то талаботи ҲЧМ мазкур барои ҳар як лоиҳаи мушаххас риояк карда шаванд. Онҳо ҳангоми таҳияи ҲЧМ мазкур ба сохтори ташкилӣ асос ёфтаанд. Агар ин сохторҳои ташкилӣ тағйир ёбанд, ҳангоми чорабиниҳои гузаронидашаванд ин бояд ба ҳисоб гирифта шавад.

68. Баъди гузаронидани барӯйхатгирии иҷтимоию иқтисодӣ ва муайян кардани шахсони лоиҳа дахлкарда НАМ таҳия карда мешавад. Ин аз ҷониби МТЛ, алалхусус аз тарафи эксперт (мушовир) оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, дар ҳамкорӣ бо раисони ҳукумати навоҳӣ ва намояндагони ҷамоату маҳаллаҳо, ҳамоҳанг карда мешавад. НАМ дар машварат бо ҷонибҳои дахлдор, аз ҷумла вобаста ба санаи иваз шудани мақоми ҳуқуқӣ, норохат кардан нисбат ба воситаҳо барои зиндагӣ ва фаъолият, ки даромад меовард, бо усулҳои баҳодиҳӣ, пардохти ҷубронпулӣ, ёрии амалӣ ва чорчӯбаҳои муваққатӣ, таҳия карда мешавад. Машварату маслиҳат бо раисони деҳаҳо ва аъзоёни ҷамоаҳо барои муайян кардани ҳамаи соҳибони замин ё соҳибони дороиҳо , махсусан дар ҳолатҳое, ки соҳибони замин ва дороиҳо агар ҳузур надошта бошанд, нақши ҳалкунанда дорад. МТЛ кӯшиш менамояд, ки соҳибони замин ки намерасанд ё ҳузур надоранд бо роҳи машваратҳо, пурсишҳо ва сасоити ахобри омма, маълум намояд. Дороиҳои нобудгардидаи ШЛД баҳодиҳӣ ва ба НАМ дохил карда мешаванд. Ҷубронпулӣ дар суратҳисоби маблағгузаронии шартӣ барои пардохти оянда захира карда мешавад. Ҷубронпулӣ ҳамон вақт пардохт мегардад, ки тавре дар НАМ нишон дода шудааст, агар соҳибмулк дар бораи худ хабар диҳад ва шахсияти ӯ санҷида мешавад.

**D.2 Назорати фаъолияти Лоиҳа**

69. Қадами аввал дар пешрафти таҳияи НАМ ин муайян кардани замин\минтақаҳо мебошад, ки дар он ҷо метавонад муҳоҷирати аҳолӣ гузаронида шавад. Ин назорат ба он мақсад гузаронида мешавад, ки намудҳо ва характери таъсири имконпазири вобаста ба фаъолияти дар доираи ин лоиҳа пешниҳодшаванда муайян карда шуда, барои бартараф кардани он чораҳои кофӣ андешида шаванд. Он, инчунин, низомеро муайян мекунад, ки вақте пешгирӣ ё кам кардани муҳоҷират ҳангоми таҳияи фаъолияти лоиҳаҳо, меъёрҳои калидӣ ба шумор мераванд.

70. Назорат дар асоси меъёрҳо ва тартибҳои муқарраршуда аз ҷониби мушовирон, ки бо онҳо оид ба таҳияи лоиҳа пулҳо, иншоотҳои зиддиобхезӣ, нақшаҳои сохтмонӣ ва дигар нақшаҳои мутобиқаткунанда шатрнома имзо шудааст дар ҳамоҳангсозӣ ва тахти роҳбарии МТЛ

МИМУОТ гузаронида мешавад. Лоиҳаҳо ҳамон вақт маъқул дониста мешаванд, ки барои кам кардани таъсири муҳоҷирати аҳолӣ ҳамаи тадбирҳо андешида шуда бошанд.

## D.3 Таснифоти иҷтимоию иқтисодӣ ва барӯйхатгирии талафот

71. Агар раванди назорат гирифтани заминро тақозо кунад, қадами оянда муайянкунии иҷтимоию иқтисодӣ ва дараҷабандии ШЛД мешавад (масалан, синну соли онҳо, вобастагӣ аз дороиҳо, даромадҳо, аҳволи оилавӣ ва ғайраҳо). Ҳамаи ШЛД 100% дараҷабандӣ карда мешаванд. Дар баробари ин, барӯйхатгирӣ ва баҳодиҳии ҳамаи дороиҳаои дахлшуда барои ҳар як ШЛД амалӣ карда мешавад. Ҳамаи маълумот дар сатҳи хонавода ҷамъбаст мегардад.

72. Баъди анҷом додани ин қадамҳо ва муайян кардани масъалаҳои муҳоҷирати маҷбурӣ (аз ноилоҷӣ), дар асоси маълумоти ҷамъовардашуда НАЛ таҳия карда мешавад. Ин ҲЧМ барои таҳияи НАМ асос гардида (нигаред ба Замимаи 1), имкон медиҳад, ки масъалаҳои муҳоҷирати вобаста ба фаъолияти ҳамин лоиҳа ҳал карда шаванд.

73. Раванди назорат машваратҳои бевоситаеро дар бар мегирад, ки ШЛД бо намояндагони МТЛ МИМУОТ ва намояндагони ҷамоату маҳаллаҳо бо мақсади дақиқ гардонидани дороиҳои дахлгардида ва баррасии ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ ҳамкорӣ мекунанд. То саршавии ин раванд, ШЛД оид ба ҳуқуқҳояшон дар ҷараёни муҳоҷират огоҳномаи хаттӣ ва даҳонӣ мегиранд. Ба ин дохил мешавад, табодули нусхаи тартиби баррасии арзу шикоят ва пешниҳодот ва матритсаи ҳуқуқҳои пешниҳодшаванда бо маълумот дар бораи чӣ гуна пешниҳод кардани арзу шикоят, ба кӣ бояд оид ба арзу шикоят муроҷиат кард, инчунин маълумот оид ба робита (дар сатҳи маҳаллӣ, минақавӣ ва ҷумҳуриявӣ).

## D.4 Таҳияи НАМ

74. Вобаста ба барӯйхатгирии иҷтимоию иҷтисодӣ ва муайян кардани ҷонибҳои лоиҳа дахлкарда, НАМ аз ҷониби Кумита оид ба масъалаҳои муҳоҷират ва додани ҷубронпулӣ таҳия карда мешавад, ки аз МТЛ МИМУОТ, дар шахси Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, раисони ҳукумати навоҳӣ, намояндагони обрӯманди ҷамоату маҳаллаҳо (ҳам мардон, ҳам занон) иборат аст, таҳия карда мешавад. НАМ дар маслиҳат бо ҷонибҳои дахлгардида, мақомоти маҳаллии ҳокимият ва дигар намояндагони марбута, махсусан оид ба иваз шудани санаи мақоми ҳуқуқӣ, нороҳатие, ки барои дарёфти воситаҳои зиндагӣ расонида мешавад ва гирифтани даромадҳо, усулҳои баҳодиҳӣ, маблағҳои ҷубронпулӣ, кумакҳои имконпазир ва муҳлатҳо, таҳия карда мешавад.

## D.5 Эълон кардан ва тасдиқи НАМ

75. Баъди омода намудани лоиҳаи НАМ, зарур аст, ки чанд дигар гузошта шавад (барои маълумоти мукаммал нигаред ба Замимаи 2):

a) Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ МИМУОТ, ки ба масъалаҳои муҳоҷират ва пардохти ҷубронпулӣ машғул аст, бояд ин лоиҳаи НАМ ро ба Директори МТЛ МИМУОТ барои тасдиқ пешниҳод намояд. МТЛ МИМУОТ таъмини мутобиқати худро бо ҲЧМ ва мувофиқаи муносибатро оид ба фаъолиятҳои гуногун кафолат медиҳад. Иқтидор барои таҳлил ва тасдиқи лоиҳаи НАМ дар МТЛ МИМУОТ омода мегардад. Ин кор тавассути омӯзишҳо ва кормандони техникӣ, ба он хотир карда мешавад, ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдори ба ин раванд ҷалбгардида, вазифаҳои гуногуни худро самаранок иҷро намоянд. Интизор меравад, ки маблағ барои чунин омӯзиш як қисми маблағҳои буҷети барои омӯзиш ҷудокардаи Лоиҳа мебошанд.

b) МТЛ МИМУОТ ба сомонаи худ мазмуни лоиҳаи НАМ ро дарҷ намуда, онро паҳн мекунад ва бо ин роҳ бо роҳбарони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии манфиатдор ва ШЛД (махсусан қисматҳое, ки ба ҷойҳои мушаххас дахл доранд) мубодилаи афкор намуда, дар ҷойҳои дастрас бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ онро муаррифӣ менамояд ва барои баёни фикру андеша ва шарҳҳои онҳо ду ҳафта вақт ҷудо менамояд. Фикру андешаҳо аз ҷониби намояндагони ҷамоату маҳаллаҳо ҷамъ оварда мешаванд.

c) Баъди эълон кардану гирифтани фикру андешаҳо ва тасдиқи НАМ аз ҷониби роҳбарияти МТЛ МИМУОТ , зарур аст, ки лоиҳаи НАМ расман ба Бнки Умумиҷаҳонӣ барои баррасӣ ва тасдиқ равон карда шавад, то он бо СА БУ (4.12) ва дигар тартибу сиёсатҳои марбута мувофиқ бошад.

d) Баъди анҷоми таҳияи лоиҳаи НАМ, дар асоси маълумоти аз Бонки Умумиҷаҳонӣ расида, НАМ-и охирин дар сатҳи маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ эълон карда мешавад. МТЛ онро тавассути сомонаи худ ва минтақаҳои татбиқи лоиҳа ба мардум мерасонад, то ки ШЛД ва ҳамаи шахсони манфиатдор ба ҳуҷҷат дастрасӣ дошта бошанд. Маълумоти ба ШЛД дахлдор ифшо карда намешавад.

## E. Усулҳои баҳодиҳии дороиҳои дахлгардида

76. Боби мазкур барои муайян кардани арзиши дороиҳои дахлгардида дастур медиҳад.

### E.1 Намудҳои пардохтҳои ҷубронпулӣ

77. Ҷубронпулӣ барои ҳамаи заминистифодабарӣ ва дороиҳо, дар шакли мол ё маблағ, тавре дар Матритсаи пешниҳоди ҳуқуқҳо нишон дода шудааст, барои инҳо талаб карда мешавад:

- Замин;
- Биноҳои истиқоматӣ, объектҳо ва иншоот;

- Зироатҳои кишоварзии истеҳсолшаванда (зиротҳои молӣ ва хӯрокворӣ) ва дарахтон; ва

78. Ба ғайр аз ин кӯмакпулӣ барои нороҳат кардан, нигоҳдории молҳо, иваз шудани хизматрасонии гумшуда ва дигар кӯмак, тавре дар Матритсаи пешниҳоди ҳуқуқҳо нишон дода шудааст (Ҷадвали С-!). Ҳар чӣ ҳам набошад, ин барои роҳбарӣ хизмат мекунад, муҳим он аст, ки ҳангоми таҳияи ҷузъии НАМ нархҳои ҷории бозорӣ ва арзиши барқароршаванда истифода бурда мешавад, то ки ҷубронпулии аслӣ муайян карда шавад. Ба ғайр аз ин, аз рӯи зарурат, кӯмакҳои иловагӣ ба оилаҳои осебпазир, барои нороҳат кардан ва ғайра метавонанд пешниҳод карда шаванд. Бо мақсади инъикос кардани тағйироти иқтисодӣ ва қобилияти харидорӣ кардани асъор аз рӯзи таҳияи ҲЧМ ҳамаи маблағҳои пулӣ таҳрир карда мешаванд. МТЛ андозаи ҷубронпулиро баҳо дода, кафолат медиҳад, ки онҳо арзиши воқеиро инъикос менамоянд ва онро ба НАМ дохил менамояд.

**Е.2 Омодагӣ барои барӯйхатгирии дороиҳо**

79. Новобаста аз он, ки ҷузъиёти ҷойгиршавии зерлоиҳаҳо маълум нестанд, маблағгузорӣ дар мавзеъҳои ноҳиявӣ амалӣ мегардад.

80. Дар раванди таҳқиқоте, ки якҷоя бо мақомоти маҳаллии ҳокомияти давлатӣ гузаронида шудааст, ҳар як дороӣ рақамгузорӣ шуда, дар китоби барӯхатгирӣ қайд карда мешавад, баҳодиҳии дороӣ бошад дар асоси принсипҳо ва нишондоди ҲЧМ гузаронида мешавад. Рӯйхати умумии дороиҳои дахлгардида ва арзиши таъиншудаи онҳо, бо дарназардошти ҷубронпулиҳои иловагӣ, дар китоби бақайдгирӣ дарҷ шуда, ба ШЛД барои мувофиқа нишон дода мешавад. ШЛД ба китоби бақайдгирӣ имзо мегузорад ва нусхаи он дар шоҳидии намояндагони мақомоти маҳаллии давлатӣ ба ШЛД дода мешавад. Ҳуҷҷат нишон медиҳад, ки вақте ШЛД огоҳиномаро мегирад ва барӯйхатгирӣ расмӣ ҳисобида намешавад, агар нусхаи дуюми тасдиқкардаи шахси роҳбарикунандаи лоиҳа, ба ШЛД баргардонида нашуда бошад. Дар ин ҳангом, нусхаи тартиби баррасии арзу шикоят ва пешниҳодот низ, тавре дар механизми баррасии арзу шикоят ва пешниҳодот инъикос гардидааст, ба ШЛД дода мешавад.

**Е.3 Усулҳои баҳодиҳӣ**

1. **Муносибат "бо арзиши барқароршаванда"**

81. Муносибат "бо арзиши барқароршаванда" ба тахмине асос меёбад, ки хароҷот бар ивази дороиҳои маҳсулдиҳанда бар зарарҳое такя мекунад, ки дар натиҷаи фаъолияти зерлоиҳа расидааст. Ин хароҷотҳо ҳамчун баҳодиҳии камтарини чорабиниҳое, ки хароҷотро кам мекунанд ё таҷрибаи идоракуниро дар маҳалҳо беҳтар мекунанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд

ва ҳамин тариқ, зарарро пегирӣ менамоянд. Ҳангоми истифодаи ин усули баҳодиҳӣ хӯрдашавии объектҳо ва дороиҳо бояд ба назар гирифта нашавад. Барои зиёнҳое, ки ба осонӣ баҳо дода намешаванд ва ҷубронпулӣ муайян намегардад (ба монанди дастрасӣ ба манбаъҳои об, хизматрасонии ҷамъиятӣ ба мизоҷон ва молтаъминкунандагон; ё истеҳсоли моҳӣ, чаронидани чорво ё ҳудуди ҷангал), кӯшиш карда мешавад, ки дастрасӣ ба ҳаммонанд ва аз нуқтаи назари зироат қобили қабул ба манбаъҳо ва гирифтани даромад, муқаррар карда шавад. Агар қонунгузории дохилӣ ба стандарт ҷубронпулӣ бо арзиши барқароршаванда ҷавобгӯ набошад, ҷубронпулӣ бо қонунгузории дохилӣ бо чорабиниҳои иловагӣ барои риояи стандарти ҷубронпулӣ бо арзиши барқароршаванда такмил дода мешавад. Ин муносибат ивазшавии бевоситаи дороиҳои истифодашавандаро дар бар гирифта, маблағи хароҷотеро, ки барои иваз кардани дороиҳо, хароҷот барои ҷойивазкунӣ ва дигар хароҷоти амалиётӣ зарур аст, мепӯшонад.

## 2. Арзиши барқароршавандаи умумии ҷорӣ

82. Арзиши барқароршавандаи умумии ҷорӣ ҳамчун арзиши баҳодиҳанда барои сохтмони хонаи наве, ки аз рӯи периметри беруна ҳамин хел майдони умумӣ дорад, ки бинои пешина бо ҳамин хел корҳо ва хизматрасониҳодар ҷойҳо дошт ва бо қитъаи замин монанд, муайян карда мешавад.

## 3. Усулҳои дигар

83. **Нархҳо аз пудратчиён**: агар дигар нишондиҳандаҳои миқдорӣ набошанд ё онҳо кӯҳна шуда бошанд, метавонанд нархномаҳои аз ҷониби пудратчиён барои корҳои сохтмонии ба ҳамин монанди дар наздикии минтақаи лоиҳавӣ истифодашударо истифода баранд, то ки хароҷотро барои иваз кардани дороиҳо ҳисоб кунанд. Дар лоиҳаҳое, ки варианти ҷубронпулӣ ё роҳи ба ҳамин монанди ҷойгиркунии истиқоматгоҳро пешниҳод мекунанд, метавонанд арзиши корҳои сохтмониро барои ҷойгиркунии алтернативӣ истифода баранд, то ки маблағи ҷубронпулии лозимиро ҳисоб кунанд.

## 4. Ҷубронпулӣ барои замин

84. Дар ҳолати ба таври доимӣ гирифтани қитъаи замине, ки ҳамчун хусусӣ ба қайд гирифта шудааст ва дар пешниҳоди замин бар ивази қитъаи замин ифода меёбад. Дар ҳолати набудани қитъаҳои замини бо ҳам монанд (3 км), то ки вайроншавии дигар аспектҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ то ҳадди камтарин расад, зарур аст, ки ҷубронпулӣбо арзиши пурраи барқароршаванда пешниҳод карда шавад. Ин бояд аз арзиши бартариятдоштаи бозорӣ барои

ин маҳал барои дарёфти қитъаи замини аз ҷиҳати ҳосилхезӣ баробар ба ин маҳал баҳо дода шавад. Бар замми ин, зарур аст, ки ба ҷубронпулӣ ҳамаи хароҷоти вобаста ба дастрас кардани заминро, яъне андозҳо, хароҷоти бақайдгирӣ, дохил кард.

85. Ба ғайр аз ин, ШЛД барои ҳар гуна хароҷот ҷиҳати беҳтар кардани замин (масалан,иншооти обёрикунӣ), ҷубронпулӣ мегирад. Ин дар асоси арзиши доимии беҳтаргардонӣ аз рӯи миқдорҳои бартариятдоштаи бозорӣ ба қувваи корӣ, таҷҳизот ва маводҳо ҳисоб карда мешавад.

86. Дар ҳолате, агар аз даст додани замин қисми камтари замини умумии моликиятро ташкил диҳад, ки ба ШЛД дахл дорад (тибқи баррасиҳо бо эксперҳои МТЛ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ, чунин эҳтимолият бо заминистифодабарандагон дар аксар мавридҳо рух медиҳад ), аммо қисми боқимондаи замин истифода бурда намешавад, ҷубронпулии пешниҳодшаванда дар асоси замини умумии дахлгардида (яъне замини аслан аз даст рафта ҷамъи замине, ки истифода намешавад) ҳисоб карда мешавад.

87. Дар он ҷое, ки замин муваққатан гирифта шудааст, ҳосил то реша дар асоси арзиши бозорӣ, ҳамчун ҳосили пурра расида ё тарифи давлатӣ, вобаста аз он ки кадоме аз ин нишондиҳандаҳо баланд аст, пардохт карда мешавад. Ҷубронпулӣ ба деҳқон дода мешавад, на ба соҳиби замин, агар деҳқон соҳиби замин набошад (масаланиҷоракор ё чоряккор). Аз ин хотир, дар сурати шартнома оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо шарти иштирок аз рӯи саҳм, тағйирот ворид карда намешавад. Бар замми пардохти ҳосил то реша, лоиҳа кафолат медиҳад: замин дар ҳолати аввалааш баргардонида мешавад, то ки истифодабарии пешинаи он барқарор карда шавад.

## 5. Ҳисоб кардани ҷубронпулӣ барои зироати кишоварзӣ ва дарахтони ҳосилдеҳ

88. Нархҳои ҷорӣ ба зироатҳои кишоварзӣ ба дарназардошти қурби тавсиядодаи Ҳукумат ва нархи аз ҳама баланди бозорӣ, вобаста аз баланд будани кадоме аз ин нишондиҳандаҳо, муайян карда мешавад. Дар он ҷое, ки замин ба иҷора гирифта шудааст, вобаста аз намуди зироат, ҳосили 2 мавсим ё ҳосили солона баҳо дода мешавад. Дар ҳолате, ки замин моликияти хусусӣ бошад (ба истифодаи якумра ва меросӣ), ба ғайр аз қитъаи замин ё ҷубронпулӣ барои замин, соҳиби он ҳамчунин барои ҳосили 2 мавсим ё ҳосили солона, вобаста аз зироат, ҷубронпулӣ мегирад. Зироатҳои истифодабаранда ҳамон зироатҳое ҳисоб карда мешаванд, ки дар ҳамин замин ҳозир ё ба қарибӣ парвариш карда шудаанд. Ба ғайр аз ин, ба ШЛД пешниҳод карда мешавад, ки ҳосили зиироатро то аз даст додани замин ҷамъоварӣ намояд. Барои кафолат додани он ки ин имконпазир аст ва барои ҳосил арзиши қобили қабули бозорӣ дода шудааст, зарур аст, ки пештар машваратҳо гузаронида шавад, то ки ҷамъоварии ҳосил дуруст ба нақша гирифта шавад.

89. Арзиши меҳнате, ки барои тайёр кардани заминҳои кишоварзӣ харҷ карда мешавад, бо дарназардошти музди миёнаи кор дар ҷамоа дар ин давраи вақт, ҷуброн карда мешавад. Миқдоре, ки барои ҷубронпулии замин истифода бурда мешавад, бояд нав карда шавад, то ки арзишро дар лаҳзаи пардохти ҷубронпулӣ инъикос намояд.

90. Ҷубронпулӣ барои дарахтони ҳосилдеҳ дар асоси арзиши ниҳоли ивазкунанда дар баробари ҳосили солона меваҳои дар давоми чанд сол аз ин дарахт рӯёнидашуда, замоне ки дарахт ба камол мерасад, бо истифода аз тарифи давлатӣ ё миқдори баланди бозорӣ, вобаста аз он, ки кадоме аз инҳо баланд аст, пардохт карда мешавад.

### 6. Ҷубронпулӣ барои иншоот

91. Варианти бартариятдошта пешниҳоди иншоотҳои ҳаммонанд (ҳоҷатхонаҳо, анборҳо, деворҳо ва ғайра), ки баробарсифат ва дар он ҷое, ки имкон ҳаст, баландсифат, ба ҳисоб меравад. Варианти дуюм -пешниҳоди ҷубронпулӣ ба арзиши пурраи барқароршаванда.

92. Арзиши барқароршаванда бар инҳо асос меёбад:

- Нишондиҳандаҳои иншоот ва муфассал дарҷ кардани маводҳои истифодашаванда;
- Арзиши миёнаи барқароршавандаи биноҳои намунавии маишии гуногун ;
- Иншоотҳо, дар асоси ҷамъ овардани маълумот оид ба миқдор ва намудҳои маводи дар сохтмони намудҳои гуногуни иншоот истифодашаванда (масалан, сутунҳо, хиштҳо, болорҳо, дарзаи беда, тунука, дарҳо ва ғайра).
- Нархҳои ин ашё, ки аз бозорҳои гуногуни маҳаллӣ гирифта шудааст.
- Хароҷот барои ҳамлу нақли ин ашё ба қитъаи бадастовардашудаи замин ё қитъаи сохтмонӣ.
- Сметаҳо барои сохтмони биноҳои нав, бо дарназардошти қувваи корӣ.
- Ҷубронпулӣ барои иншоотҳое дода мешавад, ки: (i) бинобар кӯчидан ё муҳоҷирати шахси алоҳида ё хонавода гузошта шудаанд, ё (ii) бинобар фаъолияти лоиҳа бевосита хароб гардидаанд.

### 7 . Ҷубронпулӣ барои дороиҳои ҷамоа

93. Барои дороиҳои ҷамоа, ки ҳангоми таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ пайдо карда шудаанд, ҷубронпулӣ дода мешавад. Дар ҳар ҳолат онҳо дар шакли асл пешниҳод карда мешаванд ва иншоотҳои нав ҳатто дар ҳолате пешниҳод карда мешаванд, ки дар ҷойҳои нав иншоотҳои амалкунанда бошанд. Барои таъмини он, ки ҳар гуна иваз кардани дороиҳои ҷамоавӣ (китобхонаҳо, масҷидҳо, ошхонаҳо ва ғайра) дар ҳар ҷой дастрас ва бо манбаъҳои пулию дигар манбаъҳо ҳангоми зарурат таъмин бошанд, тадбирҳо андешида мешаванд.

### 8 . Ҷубронпулӣ барои ҷойҳои муқаддас

94. Сиёсати мазкур намегузорад, ки дар асоси Сиёсати чорабиниҳои ҳимоявии БУ (CA 4.11) замини ҳамчун боигарии фарҳангӣ муайянгардида, истифода бурда шавад. Ҷойҳои муқаддас ва муҷассамаҳои хотиравии ҷанг, нажодпарастӣ дар худ на танҳо осорхонаҳо, меҳробҳо, марказҳои шиносоӣ, қабрҳо ва қабристонҳо дар бар мегиранд, инчунин ба онҳо дигар иншоотҳо ва ҷойҳое дохил мешаванд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, анъанаю фарҳанг ҳам онҳоро ҳамчун ҷойҳои муқаддас эътироф кардаанд. Барои пешгирӣ кардани низоъҳои имконпазир байни шахсони алоҳида ва ё ҷамъиятҳо, дар доираи ин лоиҳа истифода бурдани ҷойҳои муҷаддас барои ягон намуди фаъолият иҷозат дода намешавад. Бандҳои мутобиқаткунанда ҳамчунин ба шартномаҳои корҳои сохтмонӣ оид ба ин масъала ворид карда мешаванд.

### 9 . Ҷубронпулӣ барои гум кардани фаъолияти соҳибкорӣ

95. Тавре дар боло қайд шудааст, ҳар як иншоот дар ҷои ба ҳамон монанд иваз карда мешавад. Ба ғайр аз ин дар давоми давраи гузариш барои даромади гумшуда ва истеҳсолот (муваққатан канда шудани фаъолияти соҳибкорӣ ва барқароркунии он) чубронпулӣ дода мешавад. Ин дар асоси даромади ҳаррӯза ё ҳармоҳаи ҷонибҳои дахлгардида баҳо дода мешавад.

## F. МЕХАНИЗМҲОИ БАРРАСИИ АРЗУ ШИКОЯТ ВА ПЕШНИҲОДҲО

96. Тартиби баррасии арзу шикоят барои он лозим аст, ки ШЛД тавонанд арзу шикоят ва ё ташвиши худро бе ягон хароҷот ва бо кафолати саривайтӣ ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта баён намоянд. Ин тартибот ҳамчунин кафолат медиҳанд, ки ин ҳуқуқҳо самаранок ба манфиатдорони лоиҳа дода мешаванд. Ҷонибҳои манфиатдор оид ба ҷорӣ кардани механизми баррасии арзу шикоят ва пешниҳодот хабардор карда мешаванд ва ин тартиб дар лаҳзаи баохиррасии НАМ эълон карда мешавад

97. Шикоят метавонад дар аъзои ҷамоа пайдо шавад, ки аз истифодабарии меъёрҳои қабулшаванда, чораҳо оид ба банақшагирии ҷамоа ва муҳоҷират, татбиқи амалӣ ва ҷубронпулӣ розӣ нестанд.

### F.1 Раванди умумӣ:

a) Дар давраҳои аввали раванди баҳодиҳӣ, ШЛД нусхаи тартиби баррасии арзу шикоят ва пешниҳодотро ҳамчун дастурамали раванди баррасии арзу шикоят ва пешниҳодҳо қабул мекунанд.

b) Раванди баррасии шикоятҳо аз бақайдгирии шикоят оғоз мегардад, ки бояд барои маълумот баррасӣ гардад ва барои нав кардани маълумот оид ба масъалаҳои баррасишаванда имконият диҳад.

c) Дар чаҳорчӯбаи лоиҳа механизми маҳаллӣ истифода мегардад, ки кумитаҳои муҳоҷират, ҳамкорон ва роҳбарони маҳаллии ШЛД-ро дар бар мегирад. Ин адолатро дар ҳар гуна ҳолат таъмин менамояд, нороҳатиро бартараф мекунад ва даъвогарони қонуниро бо нархи арзон қонеъ мегардонад.

d) Вақти ҷавоб гардондан аз мушкилот вобаста аст, ки бояд онро ҳал кард, самаранок бояд ҳал кард.

e) Ҷубронпулӣ ба ШЛД алоҳида танҳо баъди розигии хаттии ҳам шавҳар ва ҳам зан пардохт карда мешавад.

**F.2 Тартиб:**

a) Қадами аввал дар тартиби баррасии шикоят ва пешниҳодҳо ин робита бо намояндагони маҳаллии ҷамоату маҳаллаҳо ва эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии Лоиҳа ва баррасии шикоят мебошад. Баъд намояндаи маҳаллӣ бо Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ тавассути телефон, паёмак (рақами телефони мобилии корманд ё почтаи электронии ӯ, дар он ҷойҳое, ки дастрасӣ ба телефон маҳдуд аст пешниҳод карда мешавад) робита мекунад. МТЛ МИМУОТ шикоятро дар китоби шикоят ва пешниҳодҳо ба қайд мегирад. Агар мушкилот барои қонеъ гардонидани ШЛД дар даовми 5 рӯз ҳал нагардад, он гоҳ шикоят ба сатҳи дигар гузаронида мешавад. Дар китоби шикоят ва пешниҳодҳо оид ба ҳалли мушкилот ва ё ба сатҳи дигар гузаронидани он маълумот навишта мешавад.

b) Барои шикояте, ки аз тарафи Эксперти оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ дар давоми 5 рӯз ҳал карда намешпавад:

- ШЛД бо аризаи худ оид ба масъалаҳои раванди муҳоҷират ё пардохти ҷубронпулӣ ба таври хаттӣ ба роҳбарияти МТЛ МИМУОТ муроҷиат мекунад. Аризадиҳанда дар он санаи навиштанро қайд карда, имзо мегузорад. Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамчун шахси пайвандкунанда амал карда, роҳи бевоситаи робита бо ШЛД ба шумор меравад. Ӯ дар ҳамкорӣ бо Директори Иҷроияи МТЛ МИМУОТ кор мекунад, ки номбурда оид ба ҳамаи шикоят ва пешниҳодҳо ба роҳбарияти идораи МТЛ МИМУОТ мунтазам маълумот медиҳад. Агар ШЛД имкони ба таври хаттӣ пешниҳод кардани аризаро надошта бошад, он гоҳ намояндаи маҳаллии ҷамоат\деҳа ё Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ аз номи ҷониби зарардида ариза менависад. Ҳама гуна шикоят ва пешниҳодҳои ғайрирасӣ ҳамчунин аз ҷониби намояндагони ҷамоат\деҳа ё Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ ҳуҷҷатгузорӣ карда мешавад.

Ҷониби зарардида ба ариза имзо мекунад ё нақши ангушти калони худро мегузорад.

- Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ МИМУОТ барои муайян кардани қонунӣ будани шикоят ва пешниҳодҳо масъалаҳоро меомӯзад. Агар онҳо қонунӣ бошанд, Кумита аризадиҳандаро хабардор мекунад ва ба ӯ кӯмак расонида мешавад. Ҷавоб дар давоми 14 рӯз дода мешавад, дар ин муддат бо ҷониби ҷабрдида ва дигар шахсон вохӯрӣ ва баррасиҳо гузаронида мешаванд. Агар шикоят оид ба арзиши дороиҳо бошад, баҳодиҳии дуюбора ва ҳатто сеюмбора гузаронида мешавад, то ки ҳар ду ҷониб қаноатманд нагарданд. Ин баҳодиҳӣ аз тарафи баҳодиҳандагони холис гузаронида мешавад. Хароҷот барои баҳодиҳии иловагӣ аз ҳисоби маблағҳои барои татбиқи НАМ ҷудогардида пӯшонида мешавад. Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ МИМУОТ бо мақсади мусоидат карда барои қонеъ гардонидани шикояти ӯ ва ба таври оптималӣ таъмин кардани роҳи имконпазири ҳалли мушкилот, дар ҳамаи давраҳо ба ҷониби ҷабрдида кӯмак мерасонад.

c) Агар баъди гирифтани ҷавоб аз МТЛ МИМУОТ, шикоят қонеъ нагардид, лоиҳа Кумитаи ҳалли низоъҳоро (КБН) истифода мебарад. КБН , ҳадди ақал, аз 5 аъзо, ки 2 нафарашон корманди МТЛ МИМУОТ мебошанд, иборат аст. 3 нафар аъзои дигар, аз мақомоти новобаста аз таъминкунандагони татбиқи лоиҳа ва Ҳукумати ҶТ, мебошанд. Онҳо бояд: (i) Ташкилотҳои ҷамъиятии эътирофгардида ва дар ҶТ фаъолияткунанда; (ii) шахсони соҳибэҳтиром ва обрӯманд (масалан, ҳуқуқшинос ё профессори баобрӯ), агар дастрас бошанд; (iii) намояндагони шаҳр\ноҳияи иштироккунанда; ва (iv) шахсе аз шӯрои шаҳрӣ. Ин кормандони мутахассис барои гузаронидани ҷаласаҳои комиссия мукофот мегиранд ва кормандони доимии мақомоти лоиҳа намебошанд. Ташкили Комиссияи баррасии низоъҳо бо амри мақомоти давлатии навоҳии иштироккунанда тасдиқ карда мешавад. Комиссия бо ташаббуси МТЛ МИМУОТ ё мақомоти маҳаллӣ бо дархости ШЛД таъсис дода мешавад. Қарорҳое, ки комиссия қабул мекунад ва бо ҳамаи ҷонибҳо мувофиқа мекунад, ҳамчун амри ҳукумати ноҳия эълом карда мешавад.

d) Агар ШЛД бо қарори КБН розӣ набошанд, он гоҳ метавонанд ба суд муроҷиат кунанд.

**F. 3 Китоби арзу шикоят ва пешниҳодҳо**

98. Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ бақайдгирии ҳар як шикоят\пешниҳодро таҳти рақами мушаххас, чорабиниҳои мпарбут ба он ва навиштаҷот оид ба қадамҳои гузошташуда, таъмин менамояд Дар китоб инчунин оид ба шахси масъули шикояти мушаххас ва санаи қадамҳои оянда бояд қайд бошад:

- Санаи пешниҳоди шикоят ;

- Санаи ба бойгонии маълумотҳои лоиҳа ҷой кардани Китоби арзу шикоят ва пешниҳодҳо;
- Санаи гузаронидани чорабиниҳо оид ба ислоҳи вазъ, бо маълумоте, ки ба нишонии шикояткунанда равон карда мешавад (агар ин истифода шавад);
- Санаи маҳкам кардани шикоят; ва
- Санаи ҷавобе, ки ба нишонии шикояткунанда равон карда мешавад.

### F.4 Мониторинги шикоятҳо

99. Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ барои инҳо масъул аст:

- Пешниҳоди ҳисоботи ҳафтаинаи Комиссияи лоиҳаҳо оид ба масъалаҳои муҳоҷират ва пардохти ҷубронпулӣ, бо нишон додани теъдод ва мақоми баррасии шикоят ва пешниҳодҳо;
- Мавҷудияти масъалаҳои ҳалношуда, ки бояд ҳал карда шаванд; ва
- Ҳисоботи ҳармоҳа бо дохил кардани таҳлили намудҳои шикоят ва пешниҳодҳо, сатҳи шикоят ва фаъолият оид ба кам кардани теъдоди шикоятҳо.

## G. БУҶЕТИ ТАТБИҚИ ҲЧМ

100. Дар ин давра, имкони баҳо додани теъдоди аниқи одамоне, ки метавонад лоиҳа дахл кунад мавҷуд нест, чунки то ҳол ҷузъиёти техникӣ ва нишондиҳандаҳо таҳия нагардидаанд. Аз ин хотир, имкони пешниҳоди сметавӣ оид ба хароҷотҳои кӯчидан, ки метавонад ба ин лоиҳа вобаста бошад, вуҷуд надорад. Новобаста аз ин, вақте ки ҷои ҷойгиршавии лоиҳа маълум мегардад ва баъди гузаронидани таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ дар маҳалҳо маълумот оид ба таъсири мушаххас, даромадҳои шахсони воқеӣ ва дигар маълумотҳои демографӣ ба даст меоянд, он гоҳ барои ҳар як НАМ буҷети муфассал ва дақиқ таҳия карда мешавад. Ҳар як НАМ буҷети муфассалеро дар бар мегирад, ки хароҷоти зерин ба назар гирифта шудаанд:

- Ҷубронпулӣ метавонад инҳоро дар бар гирад: хароҷот барои замин, иншоот, зироати кишоварзӣ, барқароркунии иншоотҳо,иншооти ҷамоа ва хизматҳо;
- Хароҷот барои кӯчидан метавонад инҳоро дар бар гирад: хароҷот барои муҳоҷирати ШЛД, хароҷоти маъмурӣ барои муҳоҷирати ШЛД;
- Хароҷот барои барқароркунии даромад метавонад инҳоро дар бар гирад:дастгирии муваққатӣ барои гирифтани даромад барои ШЛД;
- Хароҷоти маъмурӣ аз инҳо иборат аст: хароҷоти кормандон, омӯзиш ва хароҷот барои такмили иқтидорҳо, мониторинг ва баҳодиҳӣ.

101. Лоиҳа буҷетро оид ба муҳоҷират таҳия карда, бо ёрии қоидаҳо ва дастурамало оид ба идоракунии маъмурӣ ва молиявӣ, чун дигар фаъолиятҳои вобаста ба лоиҳа, ин буҷетро маблағгузорӣ мекунад. Тамоми масъулият барои татбиқи Ҳуҷҷати чорчӯбавӣ оид ба муҳоҷират, бо дарназардошти пардохтҳои ҷубронпулӣ, таъмини дигар намуди кӯмакҳо, татбиқи механизми баррасии арзу шикоят ва пешниҳодҳо, омӯзондани кормандон ва мониторинг ва баҳодиҳии фаъолият аз ҷониби Вазорати молия бо пардохтҳои давлатӣ тавассути буҷет оид ба муҳоҷират дар доираи маблағҳои аз ҷониби лоиҳа ҷудогардида, фаро гирифта мешавад,

## H. МЕХАНИЗМ БАРОИ МАШВАРАТҲО ВА ИШТИРОКИ ШАХСОНИ КӮЧОНИДАШАВАНДА ДАР БАНАҚШАГИРӢ, ТАТБИҚ ВА МОНИТОРИНГ

102. ШЛД дар ҳар давраи татбиқи лоиҳа ба тариқи зерин маслиҳат мегиранд:

a) Баъди муайян кардани қитъаи замини онҳо, Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ МИМУОТ ШЛД ро хабар гирифта, онҳоро оид ба ҳуқуқҳояшон дар доираи лоиҳа огоҳ менамояд. Ба ин дохил мешавад додани маълумот оид ба пешниҳоди ҳуқуқҳо ба ин шахсон барои ҷубронпулӣ ва баррасии арзу шикоят ва пешниҳодҳо. Корманд, инчунин, дар ҳузури ШЛД ва ҳукумати маҳал мавҷудияти дороиҳои дархостшавандаро мебинад.

b) Баъди анҷом ёфтани барӯхатгирӣ ва баҳодиҳии дороиҳо, Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ МИМУОТ ҷузъиётро бо ШЛД пешниҳод ва баррасӣ сенамояд, ба пуррагии барӯхатгирӣ ва қобили қабул будани баҳодиҳӣ барои ШЛД боварӣ ҳосил менамояд.

c) Баъди анҷом ёфтани НАМ, ШЛД дар асоси тартиби эълон кардани маълумот, ки дар боло қайд карда шудааст, НАМ ро мегиранд.

d) То татбиқи лоиҳаҳо, маблаға умуӣ ё кӯмак ба таври асл (замин), ки ба сифати ҷуброн пешниҳод мегардад, бо ҳар як шахси ҳуқуқдори ШЛД барои баррасӣ ва тасдиқ кардан муҳокима мекунад, пеш аз гузаронидани додугирифти дороиҳо. ШЛД барои иштирок кардани шахси сеюм (масалан, Ташкилоти ҷамъиятӣ) дар ин давраи муҳим ё қадамҳои дигаре, ки ба додани дороиҳо меоваранд, ҳуқуқ доранд. Дар ҳар лаҳза ШЛД метавонанд бо истифодаи раванди баррасии шикоят ва пешниҳодҳо, ки дар боло қайд шудааст, аризаи шикоятӣ пешниҳод кунад.

e) Дар давоми 12 моҳи баъди анҷоми барқарорсозӣ ва мутобиқгардонӣ бо мақсади ошкор кардани ҳар гуна масъалаҳои ҳалношуда, машваратҳо доир карда мешавад.

Ҳангоми таҳияи ҲЧМ и мазкур аз машваратҳои моҳи марти соли 2017 дар навоҳии Ванч, Рӯшон, Кӯлоб, Восеъ, Қубодиён ва Шаҳритӯс гузаронидашуда баҳра бардошта шуд, ки дар онҳо 162 нафар ширкат варзиданд ва аз се яки онҳо занон буданд.

## I. ЧОРАБИНИҲО ОИД БА МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲӢ

## I.1 Чорабиниҳои умумӣ, ҳаҷм ва мазмуни онҳо

103. Чорабиниҳо оид ба назорати ҷорӣ дар асоси дар асоси нақшаи умумии ҷорӣ оид ба назорати ҷории ҳамаи лоиҳа сурат мегиранд; онҳо тавассути МТЛ МИМУОТ амалӣ карда мешаванд. Ҳамаи НАМ мақсадҳои асосии иҷтимоию иқтисодиро ба миён мегузоранд, ки бо ёрии онҳо пешравии худро баҳо медиҳанд. Онҳо дар бар мегиранд: (i) шахсони воқеии ҷабрдида, хонаводаҳо ва ҷамоаҳое, ки метавонанд сатҳи зиндагиашонро дар арафаи оғози татбиқи лоиҳа нигоҳ доранд ва ҳатто онро баланд бардоранд; (ii) ҷамоаҳои маҳаллие, ки ба лоиҳа назари нек доранд; ва (iii) мавҷудият ё бартарият доштани низоъҳо. Барои он, ки дараҷаи пешрафти ин мақсадҳоро баҳо дод, НАМ ба нишондиҳандаҳои назорати ҷорӣ ишора карда, нишонаҳои назорати ҷориро тартиб медиҳанд ва манбаъҳои заруриро барои гузаронидани назорати ҷорӣ муайян мекунанд. МТЛ МИМУОТ системаи ҳисоботи маъмуриро ташкил менамояд, ки вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- Маълумоти саривақтиро оид ба ҳамаи муҳоҷират ба МТЛ МИМУОТ ҳамчун натиҷаи фаъолияти лоиҳа пешниҳод менамояд;
- Шикоят ва пешниҳодҳоеро муайян мекунад, ки бе ҷавоб мондаанд ва ҳалли худро тавассути ҷалби Комиссия оид ба баррасии низоъҳо ё мақоми болоӣ тақозо доранд;
- Саривақт иҷро кардани ҳамаи уҳдадориҳои лоиҳаро оид ба муҳоҷират барои ҳамаи дороиҳои доимӣ ва муваққатан гумшуда ҳуҷҷатгузорӣ кардан;
- Баҳо додани гирифтани ҷубронпулӣ тибқи талаботи ҲЧМ мазкур, мавҷудияти сатҳи нисбатан баланди ШЛД дар муқоиса ба сатҳи зиндагии ин ашхос пеш аз кӯчидан ё ҷойивазкунии иқтисодӣ.
- Огоҳ кардани мақомоти лоиҳа оид ба зарурати гирифтани замин дар доираи фаъолияти банақшагирифтаи лоиҳаҳо.

104. Мақсад дар баҳодиҳии охирин мебошад, то ки муайян карда шавад:

- Шахсони ҷабрдида то оғози татбиқи лоиҳа ҷубронпулиро пурра гирифтанд, ки лоиҳа сабабгори муҳоҷират мебошад;
- ШЛД ба чунин таъсири лоиҳа гирифтор шудаанд: дар онҳо сатҳи зиндагии баландтар нисбат ба пешина; сатҳи зиндагиашон чун пешина аст; ё онҳо аз пешина нисбатан қашшоқтар шуданд.
- Таъсири мушаххас ба хонаводаҳои осебпазир.

## I.2 Нишондиҳандаҳо

105. Дар доираи ҳар як НАМ нишондиҳандаҳо муқаррар карда мешаванд. Ҳангоми зарурат, МТЛ аз ҷамоаҳо маълумот ҷамъ меоварад ё маълумотеро, ки ҳангоми таҳқиқот гирифтаанд,

муқоиса менамояд. Маълумот оид ба ин нишондиҳандаҳо мунтазам муқоиса карда мешавад (масалан, семоҳа ё нимсола, вобаста аз вазъият) ва онро ба раванди вақт қиёс менамояд. Маълумот оид ба барӯйхатгирии аҳолӣ маҳаки асосиет барои нуқтаи ниҳоӣ, дар муқоиса бо оне, ки сифати татбиқ ва корҳо санҷида мешаванд. Маблағҳо барои ҳамаи ин чорабиниҳо ба буҷети татбиқи ҲЧМ дохил карда мешавад.

### I.3 Мониторинги татбиқи НАМ

106. Эксперт оид ба масъалаҳои иҷтимоии МТЛ МИМУОТ дар ҳамкорӣ бо намояндагони мақомоти давлатии маҳаллии масъули ҲЧМ, масъалаҳои муҳоҷират ва пурдохти ҷубронпулиҳо дар ҳар семоҳа тартибдиҳӣ ва баҳисобгирии маълумоти асосии лоиҳаро, оид ба ҳамаи шахсони воқеъӣ ё ҷойивазкунии иқтисодӣ, мебаранд.

107. Ин кормандон омори зеринро тартиб медиҳанд:

a) Теъдоди чорабиниҳое, ки таҳияи НАМ ро тақозо доранд;
b) Теъдоди хонаводаҳо ва шахсони воқеъӣ ё аз ҷиҳати иқтисодӣ, дар бурриши ҳар як чорабинӣ;
c) Давомнокии вақт аз анҷоми таҳия то пардохти ҷубронпулӣ ба ШЛД;
d) Вақти додани ҷубронпулиҳо вобаста ба оғози корҳои ҷисмонӣ;
e) Маблағи ҷубронпулие, ки ба ҳар як ШЛД пардохт карда мешавад (агар нақд бошад) ё хислати ҷубронпулӣ (агар аслӣ бошад);
f) Теъдоди одамоне, ки шикоят пешниҳод мекунанд вобаста ба ҳар лоиҳаи мушаххас;
g) Теъдоди шикоятҳои қонеъгардониданашуда;

108. МТЛ МИМУОТ ин оморро таҳлил менамояд, то ки муайян намояд6 оид ба банақшагирии муҳоҷират, ки дар ҲЧМ нишон дода шудаанд, тадбирҳо андешида мешаванд, Аз принсипҳои адолат бармеояд, ки кормандони ин санҷишро иҷрокарда, на ҳамон кормандоне бошанд, ки ҳисоботро омода намудаанд. Онҳо гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳониро огоҳ менамоянд, агар ягон гуногунфаҳмӣ пайдо шавад. МТЛ МИМУОТ ҷиҳати ҳисобкунии хароҷоти охирин барои муҳоҷират ва пардохти ҷубронпулӣ аз ҳисоби ҳар як шахс ё як хонавода, баҳисобгирии молиявӣ мебаранд. Маълумотҳои оморӣ, инчунин, бо мақсади гузаронидани аудит низ пешниҳод карда мешаванд.

109. МТЛ МИМУОТ хазинаи пурраи маълумотро оид ба ҳар як шахси воқеъӣ, ки талаботи лоиҳаро дар соҳаи заминистифодабарӣ, бо дарназардошти кӯчидан, муҳоҷират ва ҷубронпулӣ, таъсирот ба замин ё зарар, ҷамъ оварда, нусхаи онро ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҷамоатҳо\маҳаллаҳо пешниҳод менамояд. Ҳар дафъа, вақте, ки замин аз тарафи лоиҳа

истифода бурда мешавад, бо мақсади муайян кардани таъсири лоиҳа ба паст ё баланд шудани сатҳи зиндагии шахсони воқеъӣ ё хонавода, қобилияти ӯ барои зиндагӣ ва пайдо шудани ҳуқуқҳо барои гирифтани ҷубронпулӣ ва ё ҳалли масъалаҳои ба ҳамин монанд, маълумоти хазинавӣ нав карда мешавад. Ҳисоботи давравӣ оид ба хазинаи маълумот ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҷамоатҳо\ деҳаҳо ва Бонки Умумиҷаҳонӣ равон карда мешавад. Онҳо як қисми ҳуҷҷатҳои расмии лоиҳа мегарданд

110. Таъсири татбиқи лоиҳа бо ёрии ҷамъ овардани маълумот баъди шаш моҳи татбиқи ҳамаи зерлоиҳаҳо, чен карда мешавад. Ин таҷриба муайян мекунад, ки ШЛД дар ҳамон ҳолат қарор доранд, ки то оғози татбиқи лоиҳа қарор доштанд ва агар не, дар натиҷаи татбиқи лоиҳа шароити зиндагии онҳо паст шуд ва кадом тадбирҳоро бояд барои ислоҳи ин ҳолат андешид?

## I.4 Пешниҳоди ҳисоботҳо

111. Дар раванди таҳия ва татбиқи НАМ, ба Бонки Умумиҷаҳонӣ ҳар моҳ пайваста аз ҷониби МТЛ МИМУОТ ҳисобот пешниҳод карда мешавад. Дар он муфассал оид ба чорабиниҳои омодагӣ, саволҳои пайдошуда, пешрафт ва ғайра маълумот дода мешавад. Ин бар иловаи ҳисоботи мунтазам оид ба раванди татбиқ, ки МТЛ омода менамояд, иҷро карда мешавад.

## ЗАМИМАИ 1: ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ НАМ

Қисматҳои асосии НАМ, тавре дар СА БУ 4.12 нишон дода шудааст, дар зер оварда мешаванд: Дар ҲЧМ и мазкур ҳар як қисмати НАМ инъикос ёфтааст, аммо нишондодҳои нисбатан муфассалро барои таҳияи НАМ аз сомонаи Бонки Умумиҷаҳонӣ (www.worldbank.org) ё дар Дастурамали Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират ва барқароркунӣ метавон пайдо кард.

Камтар аз 10 % дороиҳои маҳсулотдиҳандаи онҳо гум мешавад Интизор меравад, ки дар ин лоиҳа таъсир ба кӯчидани аҳолӣ ночиз мешавад (яъне, ШЛД ҷисман кӯчонида намешаванд, танҳо) ва камтар аз 200 нафар гирифтори таъсир дар натиҷаи татбиқи лоиҳа хоҳанд шуд ва ҳамин тариқ метавонанд ба омода кардани НАМ и мухтасар тайёрӣ бинанд (тавре дар СА БУ 4.12 муайян шудааст). Ҳамчунин, барои НАМ и мазкур, эҳтимол, танҳо гурӯҳи камит одамон гирифтори таъсир шаванд, чунки НАМ барои лоиҳаҳои мушаххас, ки гирифтани заминро тақозо менамоянд, таҳия карда мешавад. Ҳамин тариқ, тахмин кардан мумкин аст, ки НАМ як қатор бобҳои стандартиро, ҳамчун пешгуфтор (мазмуни лоиҳа, асосҳои меъёриюҳуқуқӣ ва ташкилӣ, салоҳият ва матритсаи пешниҳоди ҳуқуқҳо ва ғайра) дар бар мегирад, ки аллакай дар ҲЧМ пайдо кардан мумкин аст ва баъди он бобе, ки хислатҳои мушаххаси ҷойгиршавии лоиҳа, ҳамчунин ШЛД, дар баробари дороиҳои ин шахсонро (барӯйхатгирии талафот, ҷубронпулӣ ва хароҷот барои муҳоҷират, буҷет, таснифоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ғ.) дар бар мегирад. Дар баробари он, ки маълумот дар сатҳи хонавода барои НАМ муҳим аст, барои нигоҳдошти махфият, маълумоти муайянкунандаи шахсияти шахсони воқеъӣ ё хонавода дар НАМ, барои эълони умум намебошанд. Мазмуни намунавии НАМ қисматҳои зеринро дар бар мегирад:

- Мазмуни лоиҳа
- Мақсадҳои муҳоҷират
- Асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилӣ;
- Таъсироти имконпазир бо дарназардошти чорабиниҳо оид ба кам кардани муҳоҷират
- Барӯйхатгирии талафот (инфрасохтори ҷамъиятӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ)
- Матритсаи салоҳият ва пешниҳоди ҳуқуқҳо
- Баҳодиҳии талафот ва ҷуброн кардани онҳо
- Машваратҳо ва иштирок
- Тартиби баррасии арзу шикоят ва пешниҳодҳо
- Мониторинг ва баҳодиҳӣ
- Ӯҳдадориҳои ташкилӣ
- Таъсири муҳоҷират дар минтақаи муайяни лоиҳа ва ҷубронпулӣ
    - Таснифоти иҷтимоию иқтисодии ШЛД
    - Барӯйхатгирии талафот
    - Хароҷотҳо ва буҷет
    - Ҷадвали татбиқ

## ЗАМИМАИ 2: СОХТОРИ ТАШКИЛИИ ТАТБИҚИ ҲЧМ ВА НАМ

